Мисолҳои сайёҳии илмӣ экотурҳои маъруфе мебошанд, ки бо мушоҳидаи рафтори парандаҳо дар Амрикои Лотинӣ, ҳисобкунии шумораи популятсияҳои китҳо дар Уқёнуси Ором алоқамандand. Дар мисоли Тоҷикистон бошад ҳисобкунии ҳайвоноти нодири парваришгоҳҳои вилояти Суғд аз қабили “суғури сурх”, “тазаври зарафшонӣ”, “оҳуи бухоройӣ” ва ғайраҳо маҳсуб меёбанд. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ин роҳи омӯзиши нав “learning travel” номида мешавад, ки сайёҳии таълимӣ, маърифатӣ ё илмиро ифода мекунад.

2. Саёҳат ба ёдгориҳои табиӣ - ин саёҳатест, ки бо дарки табиати иҳотакунанда ва фарҳанги маҳаллӣ алоқаманд мебошад. Чунин турҳо маҷмӯи саёҳатҳои таълимӣ, илмӣ-оммавӣ ва мавзӯӣ мебошанд, ки аз пайраҳаҳои махсус муҷаҳҳазшудаи экологӣ мегузаранд. Ба он инчунин сафарҳои хонандагон ва донишҷӯён дохил мешаванд, ки дар давоми он муаллимон ё роҳбаладон экскурсияҳо мегузаронанд ва дар бораи табиат сӯҳбат мекунанд.

Намунаи ин намуди туризм Осорхонаи Таърихи Пекин мебошад, ки дар он зиёда аз сад ҳазор экспонатҳои таърихи палеонтология, ботаника ва антропология ҷамъ оварда шудаанд. Қисме аз онҳо экспонатҳои муқаррарии оддӣ барои ин гуна осорхонаҳо ҳастанд, баъзеи онҳо хеле камёбанд, баъзеи дигарро дар ягон осорхонаҳои дигари ҷаҳон дидан мумкин нест.

Ин намуди экотуризм дар Олмон хеле маъмул аст, аз ин рӯ онро "модели олмонии рушди экотуризм" низ меноманд.

Агар ба шароит ва сарватҳои табиии Тоҷикистон аз нигоҳи саёҳат ба ёдгориҳои табиӣ нигарем, онҳо барои ташкил ва гузаронидани турҳои экологӣ (хатсайрҳои сайёҳии махсусгардонидашудаи равияи экологӣ дошта) хеле мувофиқ мебошанд. Яке аз мавзеъҳо чашмаҳои мавзеи Чилучорчашма ба ҳисоб рафта, он дар ноҳияи Носири Хусрав ҷойгир аст. Чилучорчашма зиёратгоҳ ва оромгоҳи маъруф дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ва ҷаҳон аст, ки 44 чашмаи шифобахш дошта, мавзеи дорои таърихи беш аз духазорсола шинохта шудааст. Ин чашмаҳо ба 17 гурӯҳ ҷудо мешаванд. Ҳар кадом ба худ хосиятҳои хос дорад: чашмаи муъин, чашмаи хуни бинӣ, чашмаи морон, чашмаи устухондард, чашмаи табларза, чашмаи шифо, чашмаи дарди пӯст, чашмаи рутубат, чашмаи ният, чашмаи мурод, чашмаи нияти фарзанд, чашмаи нилуфар, чашмаи шифоии дарди гӯш. Бинобар ин, одамон ва сайёҳоне, ки ба ин ҷо ташриф меоранд ба гурӯҳҳо тақсим шуда, пай дар пай онҳоро зиёрат мекунанд.

Оби Чилучорчашма ҳамагӣ ба масофаи 20 – 30 километр ҷорӣ мешавад. Ҳар сония аз чашма ба миқдори 1,5 м^3 об мебарояд. Мардум қисми ками онро барои нӯшидан ва дар кишоварзӣ истифода мебаранд.

Пажӯҳишгоҳи тиббӣ тасдиқ кардааст, ки оби чашмаҳо барои рафъи бемориҳои чашм, меъдаю рӯда, пӯст, сармозадагӣ, фишорбаландӣ, устухондард, бемориҳои рӯҳӣ, гӯшу гулӯву бинӣ, ҷигар, санги талха ва безурётӣ бисёр муфид мебошад.

Асосан сайёҳон аз моҳи апрел то моҳи сентябр дар ин мавзеъ зиёданд ва Чилучорчашма ҳамчун маркази туризми экологӣ-табобатӣ аҳамияти ноҳиявӣ, ҷумҳуриявӣ дошта, маълуму вирди забони одамон гаштааст. Тибқи маълумоти оморӣ дар маҷмӯъ соли 2018 шумораи сайёҳони дохилӣ зиёда аз 750 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин шумора нисбат ба соли 2017 як баробар зиёд аст.

Кумитаи рушди сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои дахлдори соҳа руйхати 10 мавзеи ҷолиби кишварро барои сайёҳони дохилӣ тартиб дод, ки аз рӯйи натиҷаҳои соли 2018 дар ҷои аввал Чилучорчашма бо шумораи 150 000 нафарро ташкил медиҳад, меистад.

Дар раванди рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 3 000 ёдгориҳои таърихию фарҳангии бақайдгирифташуда захираҳои зиёди экологӣ мусодат менамояд.

3. Туризми фаъол ва фавқулодда. Ин навъи саёҳат тамоми сафарҳои марбут ба усулҳои фаъоли ҳаракат ва истироҳат дар берунро, ки барои ба даст овардани ҳиссиёт, таассуроти нав, беҳтар намудани вазъи ҷисмонии сайёҳ ва ба даст овардани натиҷаҳои варзиш нигаронида шудааст, муттаҳид мекунад. Ба ин намудҳои туризм ба монанди кӯҳнавардӣ, кӯҳбаройӣ, яхбаройӣ, туризми пиёдагард ва кӯҳӣ, туризми обӣ,

лижаронии кӯҳӣ, канонинг, туризми аспӣ, маунтбайк, дайвинг, парапланеризм ва ғайра дохил мешаванд. Бисёре аз ин намудҳои туризм ба наздикӣ пайдо шуданд ва фавқулодда ба ҳисоб мераванд, зеро онҳо бо хатари калон вобастаанд. Аммо ин як намуди экотуризм бо суръати тез афзоишёбанда, даромаднок ва арзон аст. Туризми фаъол ва фавқулодда одатан "экотуризмҳои вазнин" номида мешавад, зеро ташнагии сайёҳон барои саёҳатҳо дар ин ҷо аз ангезаҳои ҳифзи табиат бартарӣ дорад.

Туризми фаъол ва фавқулоддаро бисёр вақт ба туризми варзишӣ монанд мекунанд (алпинизм, туризми ғоршиносӣ, парапланеризм ва ғ.), хусусан, вақте ки сайёҳон фаъол ҳаракат мекунанд (пиёда, бо велосипед, қайиқ ва ғ.) Дар ҳақиқат ин чандон дуруст нест. Туризми варзишӣ ҳамчун саёҳат бо мақсади машғули варзиш ё ин, ки иштирок дар мусобиқаҳо, ки бо саёҳат ё хавф алоқаманд нестанд. Масалан, дастаҳои футбол, ки ба машқҳои ҷамъшавӣ сафар мекунанд ё ин, ки мухлисони барои дастгирии дастаҳои худашон ба дигар давлатҳо сафар мекунанд.

Ҳамзамон, саёҳати фаъол ва фавқулодда намудҳои саёҳатро бе воситаҳои ҳамлу нақли фаъол дар бар мегирад. Масалан, ҷиппинг - саёҳатест, ки дар баландиҳо, адирҳо, кӯҳҳо ва ғайра амалӣ мегардад ё ин, ки BASE-ҷаҳиш бо парашют аз дастгоҳҳои парвозкунандаи махсус (аз кӯҳҳо, аз телебашня, аз пулҳои баланд ва ғ.) ё ин, ки бо воситаи киштиҳои махсуси обӣ ба чуқуриҳо шино кардан мебошад.

Айни замон дар бозори ҷаҳонӣ туризми фаъол ва фавқулодда (adventure tourism) натанҳо саёҳати фаъол ва фавқулоддаро, балки сайрхатҳое бо унсурҳои нав, ки барои сайёҳон ғайриоддист, мебошад. Як туроператор дар чунин намуди туризм метавонад хизматрасониҳои бениҳоят васеъро пешниҳод намояд: аз саёҳати оддии пиёдагардӣ дар ҷангал то экспедитсия дар Антарктида.

Масалан, туроператори пешқадами англиягӣ бо номи «Exodus» намудҳои зерини турҳои фаъол ва фавқулоддаро пешниҳод менамояд:

- Discovery and Adventure Holiday – саёҳат дар гӯшаву канорҳои дури сайёра бо ҳаракати фаъол;
- European Destinations - турҳои арзони кӯтоҳмуддат дар ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи мамлакатҳои Аврупо, намуди ҳаракат бо велосипед ва ё пиёда;
- Walking and Trekking - намуди базавии туризми фаъол ва фавқулодда аст. Ин саёҳати пиёдагардӣ, роҳпаймоӣ бе борхалта (либос ва чизҳои туристонро одамони махсус ва нақлиёт мекашонад) дар пайроҳаҳои махсуси экологӣ;
- Multi Activity Holidays - саёҳатест, ки кӯшишу ғайрати ҷисмониро бисёртар талаб мекунад ва ба ҳолати ҷисмонии турист фишор меорад, давомнокияш то як ҳафта буда, дар давоми сайрхат туристон бо намудҳои зерини туризми фаъол ва фавқулодда машғул мешаванд: рафтинг, канёнинг, ғоршиносӣ, кӯҳбароӣ, моҳидорӣ, ҷиппинг ва ғ.
- Overland - саёҳат дар мошинҳои махсуси боркаш, ки барои истиқомат махсусгардонидашуда дар шафати роҳ мутобиқанд. Одатан, тур дар кишварҳои дорои иқлими гарм ташкил карда мешавад (Африқо, Амрикои Ҷанубӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ) ва дар давоми як сафар сайёҳон аз якчанд кишварҳо дидан мекунанд.

4. Саёҳат ба мамнуъгоҳҳои табиӣ, ҲТММ.

Ҷолибияти баланди объектҳо ва зуҳуроти беназири табиӣ ва экзотикӣ, ки дар минтақаҳои муҳофизатшаванда ҷойгиранд, сайёҳони зиёдеро ҷалб мекунад. Масалан, нисфи тамоми сайёҳоне, ки ба Амрикои Лотинӣ меоянд, ба мамнуъгоҳҳо саёҳат мекунанд. Идоракунии бисёр боғҳо ва мамнуъгоҳҳои миллӣ экскурсияҳои экологиро ба як намоишгоҳи воқеӣ табдил медиҳанд. Мисол: Боғи миллии Йеллоустоун дар ИМА, қадимтарин (соли 1872 таъсис ёфтааст ва аввалин) ва яке аз боғҳои машҳури миллӣ дар кишвар аст. Ҳамасола ба он зиёда аз ду миллион сайёҳон ташриф меоранд. Боғ дорои якчанд меҳмонхонаҳо ва лагерҳо, осорхонаҳо ва марказҳои иттилоотӣ мебошад [7].

Боғ дар соҳилҳои дарёи Йеллоустоун дар се иёлот ҷойгир аст - Айдахо, Вайоминг (қисми зиёди боғ) ва Монтана. Масоҳати боғ қариб нӯҳ ҳазор километри квадратӣ мебошад. Давомнокии саёҳатҳо дар боғ бо дақиқаҳо ҳисоб карда мешавад ва бо давраҳои фаъолияти гейзер вобаста аст. Аксар вақт намоиши ашёҳои табиӣ, хусусан дар ғорҳо, бо равшании рангӣ, мусиқӣ, намоишҳои театрӣ, намоишҳои манзараҳои зиндагии одамони маҳаллӣ ҳамроҳ мешаванд.

Ин навъи экотуризм дар Австралия бештар рушд ёфтааст. Боғи миллии Лихфилди Австралия як боғи зебои территорияи шимолӣ мебошад. Танҳо дар ин боғ шумо заминҳои сурхи хосро мебинед, ки бо растаниҳои хурд дар соҳилҳои дарёҳо ва шараҳои зебо мерӯянд. Вақте ки мавсими боронгарӣ фаро мерасад, ин гулӯгоҳҳо фазои азимро об медиҳанд. Ҷозибаҳои асосии табии ин боғ ҷангалҳои оддитарини соҳили дарёи Аделаида мебошанд. Ва роҳбаладҳои маҳаллӣ дар Австралия, ки ин маҳалро медонанд, Боғи Миллии Личфилдро бо ҳама нозукиҳои худ муаррифӣ мекунанд. Ин намуди туризм одатан бо «модели австралияи рушди экотуризм» шинохта шудааст.

Дар Тоҷикистон бошад боғи табиӣ-таърихии Сари Хосор метавонад объекти саёҳат ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда шавад. Сари Хосор пораест аз сарзамини кӯҳистони Тоҷикистон ва гӯшаи басо зебоманзари он буда, дар ноҳияи Балҷувон ҷойгир аст. Ин гӯшаи афсонавии табиати Тоҷикистон дар силсилакӯҳҳои Вахш дар қисмати болооби дарёи Сурхоб, тақрибан дар баландии 1200-

1600 м аз сатҳи баҳр доман паҳн карарост. Релефи Сари Хосор басо мураккаб буда, бо гуногуншаклии худ аз дигар манотиқи ҷумҳурӣ фарқ мекунад. Сохти ландшафташро пасткӯҳҳо, доманакӯҳҳо ва кӯҳҳои баланд ташкил медиҳад. Қисмати зиёди релефи ин мавзеъро миёнакӯҳҳо ташкил намуда, онҳо дар баландии 1200-3000 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Баландии фосилавии сарҳади ин мавзеъ бошад 1200-3500 м аз сатҳи баҳрро дар бар мегирад. Ин ҳудуд худ муайянкунандаи гуногуншаклии системаи экологии ин мавзеъ мебошад. Гидрографияи Сари Хосорро дарёҳои Сурхоб, Тира, Оби Мазор, Шӯробдарё ва Шаршараи Пушти Боғ ташкил мекунад.

Табиати Сари Хосор бо зебоӣ ва гуногуншаклии худ беҳамтост. Дар ин гӯшаи дар ҳақиқат зебоманзари табиат мувофиқати аҷиби табиат ҳукмрон аст: анбӯҳи дарахтони мевадор аз ду тарафи дара бо марғзорҳои гӯё дар даруни абрҳо буда ва харсангҳои азим бо ҳам омезиш меёбанд. Обҳои ҷорӣ, ки аз қуллаҳои кӯҳҳои баланд сарчашма мегирад, қад-қади дара ҷорӣ шуда, онро обшор месозад. Чашмаҳои шаффоф, чакалакҳои сармоядори чормағз, чанорҳои куҳан ва олами гуногуни ҳайвонот, ки ҳама дар зери гунбази осмони беабри нилгун аст, ба табиат ҳусни дигар зам мекунад. Боз яке аз мавзеъҳои зебоманзари водӣ дар наздикии деҳаи Муллоконӣ ҷойгир шудааст. Аз баландии 50 метр шаршара ба поён мерезад ва миллионҳо қатраҳои обро ба гирду атроф пош медиҳад. Пошхӯрии қатраҳои бешумори об зери шуоъи офтоб бо тамоми рангҳои тиру камон ба ҷилвамеояд. Бо мақсади рушди туризми экологӣ дар ин минтақа сохтмони маркази барқарорсозии саломатӣ ва сохтмони дигар иншооти истироҳатию фароғатӣ идома дорад.

Ҷиҳати рушди ин соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсус аз 3-юми июли соли 2002 таҳти №461 «Дар бораи Барномаи мақмӯии рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002-2012» қабул гардидааст. Барномаи мазкур стратегия, самтҳои асосӣ, афзалиятҳо, вазифаҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатро роҷеъ ба туризми экологӣ дар сатҳи минтақавӣ дар давраи дарозмӯҳлат муайян менамояд. Инчунин, барои боз ҳам рушд додани соҳаи туризм дар ин минтақа ва ҷалби сайёҳони хориҷӣ барномаи мазкур таҳти №276 аз 3-юми июли соли 2012 то инҷониб идома дода шуд.

Ҳамин тариқ, саёҳат ба мамнуъгоҳҳои табиӣ экотуризм дар ҳудуди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (минтақаҳои об) ва дар шароити “ёбоӣ”, вайроннашуда ё каме тағйирёфта мебошад. Рушд ва гузаронидани чунин саёҳатҳо як тамоюли классикии экотуризм мебошад. Экскурсияҳои мувофиқ экотуризмро ба маънои маҳдуди истилоҳ ба назар гирифта, онҳоро модели "австралиягӣ" ё "америкои шимолӣ" -и экотуризм меноманд.

Географияи туризми экологӣ хос аст. Агар ҷараёнҳои асосии сайёҳони анъанавӣ аз кишварҳои пешрафта ба кишварҳои тараққикарда равона карда шаванд, ки дар онҳо Фаронса, ИМА, Испания, Италия ва дигарон дар қатори кишварҳои қабулкунанда пешсафанд, пас экотуристҳо асосан аз кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои дар ҳоли рушд равон карда мешаванд. Ин кишварҳо асосан дар тропикҳо мебошанд, ки табиати онҳо экзотикӣ ва ҷолиб барои сокинони намои мӯътадил мебошад. Дар ин ҷо дар байни пешвоён Лаос, Кения, Танзания, Эквадор, Коста-Рика, Непал, Австралия, Зеландияи Нав ва Африқои Ҷанубӣ ҳастанд. Дар кишварҳои пешрафтаи Аврупо ва ИМА экотуристҳо аксар вақт ба кишварҳои худ сафар мекунанд. Дар Хитой маконҳои зиёди экотуризм мавҷуданд. Яке аз калонтарин минтақаҳои ҳифзшаванда ва боғҳои ҷангал дар ҷаҳон: 1658 боғи ҷангал ва 1757 минтақаи муҳофизати ҷангал, 6 боғ ва минтақаҳои муҳофизатшаванда ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шудаанд. Дар бораи туризми экологӣ дар кишварҳои ИДМ, метавон гуфт: дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ туризми экологӣ дар Арманистон хеле рушд карда буд. Дар айни замон, экотуризм дар тамоми кишварҳои ИДМ инкишоф ёфта истодааст.

Масалан, шумораи мухлисони ӯ дар Русия ҳамасола дар ҳама ҷо афзоиш меёбад. Рӯйхати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО панҷ объектҳои табиии Русияро дар бар мегирад: ҷангалҳои бокираи Коми, кӯли Байкал, вулқонҳои Камчатка, кӯҳҳои тиллои Олтой, Қафқози Ғарбӣ. Дар ин минтақаҳо экотуризм, ки метавонад табиатро ҳифз кунад, шуғл ва рушди иҷтимоию иқтисодиро афзоиш диҳад. Ғайр аз он, дар Русия гӯшаҳои дигари барои экотуризм ҷолиб низ вуҷуд доранд.

Айни замон, Тоҷикистон ду маҳсулоти туристиро дорост, ки дорои эҳтимолияти рушди оянда мебошанд: 1) туризми соҳибкорӣ; 2) туризми экологӣ. Ҳарду намуди маҳсулот дар бозори байналмилалӣ хусусиятҳои олӣ доранд. Экотуризм маҳсулоти асосии потенсиалии туризми Тоҷикистон буда, дар бозори байналхалқӣ рақобатпазир мебошад, зеро дар он сиёсати давлатии туристӣ авлавият надорад. Барои рушди минбаъдаи ин намуди туризм дар ҳар як кишвар мутахассисоне, ки бевосита дар ин масъалаҳо иштирок мекунанд, бояд фишори ҳадди ҷоизи антропогениро ба ҳар як соҳаи эҳтимолии экотуризм муайян намуда, банақшагирӣ, идоракунӣ ва мониторинги экотуризмро бодиққат ба назар гиранд. Ин яке аз шартҳо ва фарқиятҳои туризми экологӣ аз дигар намудҳои туризм мебошад.

Ҳангоми ҳалли мушкилоти экотуризм, он метавонад як манбаи муҳими манфиатҳои иқтисодӣ дар баробари давлат, соҳибкории хусусӣ ва барои аксарияти аҳолии маҳаллӣ гардад. Ғайр аз он, метавонад ҳамчун воситаи муассири ҳифзи арзишҳои табиӣ ва фарҳангӣ хидмат кунад.

АДАБИЁТ

1. Сергеева, Т.К. Экологический туризм: Учебник. - М.: Финансы и статистика, 2004. - 360 с.
2. http://ru.wikipedia.org/wiki
3. Кутузов, А.В. Роль экологического туризма в формировании новой системы принципов отношения к окружающей среде//Материалы 13-ой международной конференции молодых ученых 26-30 декабря 2002 г. «Человек. Природа. Общество. Актуальные проблемы» - Санкт-Петербург, 2002.- с.719
4. ЮНВТО, 2001, Экотуристский рынок Германии. Специальный доклад ВТО № 10. -Мадрид
5. Лукичев, А.Б. Сущность устойчивого и экологического туризма // Российский Журнал Экотуризма. – 2011. – №1
6. Храбовченко, В.В. Экологический туризм: Учебно-методическое пособие. - М.: Финансы и статистика, 2004. - 208 с.: ил.
7. http://prousa.ru/yellowstone

REFERENCES

1. Sergeeva, T.K. Ecological tourism: Textbook. - M.: Finances and statistics, 2004. - 360 p.
2. http://ru.wikipedia.org/wiki
3. Kutusov, A.B. Rol of ecological tourism in forming of the new sustem ofprinciples of attitude toward an environment // Materials of 13th international conference of young scientists on dezember. 26-30 2002 gs. «Man. Nature. Society. Issues » of the day" are Sain tPetersburg . 2002.- c.719
4. UNWTO, 2001, Eco-tourism market of Germany. Special lecture of WTO № 10. - Madrid
5. Lukizev, A.B. Essence of steady and ecological tourism // is Russian Magazine of Eco-tourism – 2011. №1
6. Hrabovzenko, B.B. Ecological tourism: : Educational methodical manual. . - M.: Finances and statistics, 2004. - 208 p.
7. http://prousa.ru/yellowstone

УДК 57.026(Т)873
ББК 26.82.(5)Т 873

НАДЁЖНАЯ БАЗА ДЛЯ ЭКОЛОГО-ГЕОГРАФИЧЕСКОГО АНАЛИЗА ТЕРРИТОРИИ

Турдиев Турдӣ Муллоҷонович*-кандидат географических наук, доцент кафедры физической географии геоэкологического факультета ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г.Худжанд)*
e-mail: turdiev5@rambler.ru
Рахматуллоева Раъно Гайбуллаевна*-старший преподаватель кафедры физической географии геоэкологического факультета ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г.Худжанд)*
Зайнутдинова Зулфия Абдусамиевна*-старший преподаватель кафедры физической географии геоэкологического факультета ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г.Худжанд)*
e-mail: zuliya0508@gmail.com

ЗАМИНАИ БОЭЪТИМОД БАРОИ ТАҲЛИЛИ ЭКОЛОГӢ-ГЕОГРАФИИ ТЕРРИТОРИЯҲО

Турдиев Турдӣ Муллоҷонович*-номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи табиии факултети геоэкологияи ДДХ ба номи академик Б.Гафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд), e-mail: turdiev5@rambler.ru*
Рахматуллоева Раъно Гайбуллаевна- *сармуаллимаи кафедраи географияи табиии факултети геоэкологияи ДДХ ба номи академик Б.Гафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд)*
Зайнутдинова Зулфия Абдусамиевна- *сармуаллимаи кафедраи географияи табиии факултети геоэкологияи ДДХ ба номи академик Б.Гафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд)*
e-mail: zuliya0508@gmail.com

THE RELIABLE BASE FOR ECOLOGO-GEOGRAPHICAL ANALYSIS OF THE TERRITORY.

TurdievTurdi Mullojonovich*-Candidate of Geographical Sciences, Associate Professor, Department of Physical Geography, Faculty of Geoecology Khujand State University named after academician B.G.Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand)*
Rahmatulloeva Ra'no Gaybulloevna*-Senior Lecturer, Department of Physical Geography, Faculty of Geoecology Khujand State University named after academician B.G.Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand)*
Zaynutdinova Zulfiya Abdusamievna*- Senior Lecturer, Department of Physical Geography, Faculty of Geoecology Khujand State University named after academician B.G.Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand)*

***Ключевые слова**: антропогенизация природы, виды использования земель, классификация современных ландшафтов, экологическая значимость, интегральные показатели, обработка рекомендаций по охране природной среды*

В статьи показана структура использования земель как надёжная база в эколого-географическом анализе территории и приобретения необходимых рычагов для их эколого-безопасного управления.

***Вожаҳои калидӣ**: антропогенизатсияи табиат, намудҳои истифодабарии замин, таснифоти ландшафтҳои муосир, аҳамияти экологӣ, нишондиҳандаҳои интегралӣ, коркарди тавсияҳо доир ба ҳифзи муҳити табиӣ*

Дар мақола сохтори умумии истифодабарии заминҳо чун заминаи боэътимод дар таҳлили экологӣ-географии территорияҳо ва соҳибгардии фишангҳои зарурӣ барои идораи бехавэкологии онҳо инъикос карда шудааст.

***Key words:** antropogenezation of the nature, the types os using the land (soil), the classification of modern landscapes, the ecological value, integral factors, cultivating of recommendation on the serving natural sphere.*

The article touches upon the problem of the structural using of lands as a reliable base in ecologo-geographical analyses of the territory and acquisition of the necessary levers for their ecological safety management.

Рассматривая процесс антропогенизации природы с эколого-географических позиций, необходимо отметить, что помимо роста численности населения важнейшую роль в становлении современных ландшафтов и формировании их экологических (по отношению к человеку) свойств и признаков играет сама система хозяйственного использования земель, то есть ее структура и динамика[1,2]

При изучении этого фактора наиболее целесообразным оказалось выявление категорий, традиционных для всей истории природопользования, - видов использования земель. Именно эти категории имеют четкое пространственное выражения и могут быть интерпретированы как своеобразный компонент современного ландшафта, на их фоне можно определять такие важные с экологической точки зрения параметры, как глубина преобразования природной основы ландшафта и уровень технической нагрузки на природу. Оценка этих параметров помогает понять сущность формирования современных ландшафтов и подойти к решению проблемы типологии иклассификации последних как составляющих окружающую среду.

На базе принципах сопряженного анализа природных и антропогенных факторов можно предложить классификации современных ландшафтов, где она базируется на оценке уровня техногенной нагрузки как основного параметра, определяющего характера природно-антропогенных ландшафтов и их принадлежность к соответствующему типу современной окружающей среды. В основу такой классификации предлагается выбирать системы экологического ранжирования видов использования земель в соответствии с их техническим воздействием на природу. В это случае все реально существующие на территории ландшафты могут рассматриваться в едином ряду в зависимости от соотношения в их пределах степени проявления природных процессов и силы техногенных воздействий.

В этом варианте классификации, первичные ландшафтные выделы образующие нижний уровень классификации, объединяются в несколько более крупных групп, соответствующих типам окружающей среды, которые и несут определенный экологический смысл.

Такая система отвечает тем трем уровням геосистемной организации ландшафтов, которые определены А.Басаликасом[3], и этот дает возможность создать карту современных ландшафтов в едином ключе (по типам окружающей среды).

Естественно, что такая версия классификации современных ландшафтов наиболее пригодна для исследований в относительно крупном масштабе, т.е. в том случае, когда первичные (элементарные) территориальные выделы обладают наибольшей однородностью.

---

[1] Антипова А.В. Оценка пространственно-временной структуры использования территории как основного элемента антропогенной нагрузки и средство ее нормирования//Тезисы. Межд. конферен.»Экологическая безопасность и рыночное отношения. М. , 1994.а

[2] Антипова А.В. Географические изучения использования территории при выявлении и прогнозировании экологических проблем//География и природные ресурсы, 1994,6.№3.с.26-32.

[3] Басаликас А. Антропогенизированный ландшафт- высшая ступень геосистемной организации. //Сб. статей для XXI Международного географического конгресса. Вильнюс, 1976.с.179-185.

Помимо той роли, которую анализ использования территории играет в решении классификационных задач, детальное изучение структуры и динамики видов использования земель позволяет провести комплексную оценку общей антропогенной нагрузки.

Здесь надо отметить, что интерпретации экологических данных, полученных при изучении структуры и динамики использования земель очень широко. Они в совокупности отражают многозначность самого феномена и понятия «вид использования земель». По мнению ряд экономгеографов[1] феномен использования земель можно рассматривать более широко, в том числе

- как внешнее выражение производственного типа хозяйств,
- как важную морфологическую черту культурного ландшафта,
- как конкретный результат взаимодействия хозяйств с природной средой.
- и как объект управления и оптимизации пространственной и непроизводственной деятельности общества.

Это положения целиком подтверждаются при изучении общей структуры использования территории в интересах эколого-географического анализа. В системе материалов, необходимых и обеспечивающих процесс изучения экологических ситуаций, карты современного использования земель занимает вполне определенное и очень важное место в рамке такого анализа.

Более того, еще в 70-х годах прошлого века эксперты Международного Союза охраны природы (МСОП) четко определили, что общая структура использования земель наряду плотностью населения и уровнем загрязнений является важнейшим (а может быть и первичным) фактором формирования экологической обстановки любого региона[2].

Экологическая значимость общей структуры использования земель определяется не только степенью техногенного воздействия на природу каждого из существующих видов земель, но и их пространственным взаимовлиянием. Поэтому, наиболее полное знание структуры и динамики использования земель и их картографирование при одновременном, сопряженном анализе природных особенностей территории (ценность и уязвимость природных ландшафтов, их устойчивость и др.) служит надежной основой для точного определения ареалов проявления **отдельных экологических проблем**, включая зоны влияния различных видов использования друг на друга. Это в значительной мере облегчает и территориальную привязку необходимых природоохранных мероприятий.

Среди таких природоохранных мер, наряду с техническим усовершенствованием производственных процессов (уменьшение ресурсоемкости, улучшение систем очистки выбросов и т.д.) свое место должна занять и трансформация пространственной структуры использования земель, проводимая с целью перераспределения или уменьшения техногенного давления на природные ландшафты и приведения всей системы природопользования в соответствие с природными возможностями территории. Такая мера должна обеспечивать наиболее полное использование естественных ресурсов при одновременном соблюдение экологической безопасности хозяйствования.

По существу речь идет о принципе адаптивного природопользования, который выступает как альтернатива принципу «преобразования природы» и получает свое отражение в схеме рациональной структуры использования земель или в схеме допустимой хозяйственной нагрузки на территорию, также обозначаемой в категориях «виды использования земель».

Так, например, сущность этой адаптивной стратегии в отношении земель сельскохозяйственного назначения была сформулирована следующим образом[3]:

- дифференциация землепользования в соответствии с разнообразием структур и ритмов природных ландшафтов;
- неистощительное использование естественной биопродукции;
- максимальное использование естественных процессов природного ландшафта для получение культивируемой продукции.

Подобным же образом могут быть сформированы и правила использования территории для всех других видов земель.

На стадии выработки рекомендации по охране природной среды суждение об общей структуре природопользования может выступать как весьма эффективное средство решения

---

[1] Минц А.А., Петряков Т.И. Исследование территории как географическая проблема//Изв.АН СССР. Сер.географич.1973.№4.
[2] The third factor-land use//IUGN,Bull,1972.v.3.№2
[3] Зархина Е.С., Каракин В.П. Стратегия адаптивного землепользования// Сб. Проблемы формирования стратегии природопользования. ДО АН СССР, Владивосток-Хабаровск, 1991. с.208-216.

имеющихся экологических проблем. Для староосвоенных районов это главным образом – предложения по трансформации структуры использования земель с целью ослабления технической нагрузки на природу. Для районов нового освоения – перспективное планирование структуры природопользования с учетом экологических (природных) возможностей территории. Это направление следует рассматривать как превентивную меру, обеспечивающую экологически безопасную систему будущего хозяйствования. Опыт такого планирования существует в Канаде, где, начиная с 60-х годов 20-го века, действует Служба инвентаризации земель, которая проводить работы по оценке пригодности земель для основных видов использования - распашка и пастбище, лесное хозяйство и рекреация, разведение дикой фауне (заповедание).

Рассматривая категорию «вид использования земель» как интегральный показатель техногенной нагрузки на природу, следует подчеркнуть и ее особую роль в оценке общего уровня антропогенной нагрузки на территорию.

Здесь надо отметить, что термин «антропогенная нагрузка, пока не имеет однозначного смысла, сегодня различными авторами трактуется очень свободно и широко.

Для определения и характеристики экологического состояния территории гораздо важнее располагать интегральным показателем, оценивающим воздействие человека и его хозяйственной деятельности в целом в пределах определенной пространственной единицы.

Такой показатель был предложен в форме относительной (бальной) оценки уровня общей антропогенной нагрузки как суммарного воздействия вида использования земель(техническая нагрузка) и самого присутствия человека на территории (плотность населения как населенческая нагрузка).[1]

При построении матрицы связи в систему оценки общей антропогенной нагрузки введены пороговые значения каждого из двух показателей, имеющие экологический смысл. 4 группы земель идентифицируется как типы окружающей среды, а неодинаковые показатели плотности населения отражают классы негативного изменения природы. Общая антропогенная нагрузка определяется как сумма баллов оценки группы использования земель и плотности населения, исходя из 8-балльной шкалы.

Основываясь на этом принципе и учитывая все многообразие региональных вариантов антропогенной нагрузки, экспертным путем принципиально устанавливаются 7 основных уровней антропогенной нагрузки: ***ничтожный, очень низкий, низкий, средний, высокий, очень высокий, наивысший***.

Здесь стоить отметить, что при использовании общей матрицы в региональных исследованиях, детализируются отдельные категории видов земель и показателей плотности населения. А, процесс определение уровни антропогенной нагрузки, строго проводится по общей семичленной шкале, что даёт возможность сравнивать региональные материалы на разных территориях.

При сопоставление карты антропогенной нагрузки с показателями экологического состояния территории становится достаточно ясным, что экологическая противоречия и проблемы приобретают наибольшую остроту в связи с процессами урбанизации, с транспортной и индустриальной застройкой продуктивных земель, то есть в тех ареалах, где антропогенная нагрузка постоянно усиливается, приводя к глубоким изменениям природной основы современных ландшафтов и оказывая прямое негативное воздействие на человека (например, токсичное загрязнение атмосферы). С другой стороны, выявляются и такие территории, где антропогенная нагрузка уменьшается за счет уменьшения интенсивности хозяйственной деятельности(забрасывание сельхозземель, прекращение транспортных связей и др.), что приводит и к улучшению экологического состояние земель.

Учитывая теснейшую зависимость между уровнем антропогенной нагрузки и экологическим состоянием территорий, можно сделать вывод о том, что одним из наиболее рациональных мер по разрешению (санкцию) наблюдаемых экологических противоречий может и должно стать активное управление уровнем антропогенной нагрузки, которое осуществляется путем изучения, оценки и резервирования земель в соответствии с их естественной пригодностью для определенных видов использования.

[1]Антипова А.В. Оценка пространственно-временной структуры использования территории как основного элемента антропогенной нагрузки и средство ее нормирования//Тезисы. Межд. конферен.»Экологическая безопасность и рыночное отношения. М. , 1994.а

ЛИТЕРАТУРА

1. Антипова А.В. Оценка пространственно-временной структуры использования территории как основного элемента антропогенной нагрузки и средство ее нормирования//Тезисы. Межд. конферен.»Экологическая безопасность и рыночное отношения. М. ,1994.а, стр.205.
2. Антипова А.В. Географические изучения использования территории при выявлении и прогнозировании экологических проблем//География и природные ресурсы, 1994,б.№3.с.26-32.
3. Басаликас А. Антропогенизированный ландшафт- высшая ступень геосистемной организации. //Сб. статей для XXI Международного географического конгресса. Вильнюс, 1976.с.179-185.
4. Минц А.А., Петряков Т.И. Исследование территории как географическая проблема//Изв.АН СССР. Сер.географич.1973.№4.
5. The third factor-land use//IUGN,Bull,1972.v.3.№2
6. Зархина Е.С., Каракин В.П. Стратегия адаптивного землепользования// Сб. Проблемы формирования стратегии природопользования. ДО АН СССР, Владивосток-Хабаровск, 1991. с.208-216.

LITERATURE

1. Antipova A.V. Evaluation of the space-time structure of the use of the territory as the main element of the anthropogenic load and the means of its regulation // Abstracts. Int. conference. "Environmental security and market relations. M., 1994.a 205p.
2. Antipova A.V. Geographical studies of the use of the territory in identifying and predicting environmental problems // Geography and natural resources, 1994, b. # 3.c.26-32.
3. Basalikas A. Anthropogenized landscape is the highest level of geosystem organization. // Sat. articles for the XXI International Geographical Congress. Vilnius, 1976.p.179-185.
4. Mints A.A., Petryakov T.I. Investigation of the territory as a geographical problem // Izv.AN AN USSR. Ser.geograf.1973.№4.
5. The third factor-land use // IUGN, Bull, 1972.v.3.№2
6. Zarkhina E.S., Karakin V.P. Adaptive land use strategy // Coll. Problems of formation of strategy of environmental management. Do USSR Academy of Sciences, Vladivostok-Khabarovsk, 1991. p.208-216.

УДК. 332.12
ББК 65.4

ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА МАХСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТҲОИ ИНФРАСОХТОРИ БОЗОР ДАР МИНТАҚАҲОИ НАЗДИСАРҲАДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ашуров Муҳаммади Нусратович*-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти ДДМИТ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе), e-mail: m_a_84-84@mail.ru*

АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ И ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ИНСТИТУТОВ РЫНОЧНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В ПРИГРАНИЧНЫХ РАЙОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ашуров Мухаммади Нусратович*- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой менеджмента ТГФЭУ (Республика Таджикистан, г. Душанбе), e-mail: m_a_84-84@mail.ru*

ANALYSIS OF THE STATE AND FEATURES OF FORMING INSTITUTIONS OF MARKET INFRASTRUCTURE IN THE BORDER REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Ashurov Mukhammadi Nusratovich*- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,Chief of Department of Management TSUFE (Tajikistan Republic, Dushanbe);*
e-mail: m_a_84-84@mail.ru

Вожаҳои калидӣ: *иқтисодиёт, институт, минтақа, ноҳияҳои наздисарҳадӣ, рушд, бозор, инфрасохтор, инфрасохтори бозорӣ, ҳолат, ташаккул, таҳлил*

Дар мақола таҳлили ҳолат ва махсусиятҳои ташаккули институтҳои инфрасохтори бозор дар минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Инчунин, дар мақола масъалаҳои ҷадвали ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои таъминнокии навоҳии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо объектҳои инфрасохтори бозорӣ дар соли 2018 тартиб дода шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби муаллиф нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Гуфтан ба маврид аст, ки, зарурати омӯзиши мураттаби мушкилоти рушди инфрасохтори бозории минтақаҳои Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳимтарини амалисозии самараноки иқтидори савдою иқтисоди кишвар барои мубрамияти мавзӯ ва аҳамияти илмию амалии он дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ боис мегардад, чунки дар шароити устуворгардонии муносибатҳои ҷаҳонишавӣ сарҳади давлатӣ аҳамияти муҳимро касб менамояд, зеро ки вазифаҳои гуногуни он барои рушди тиҷорати наздисарҳадӣ мусоидат мекунанд. Сарҳади давлатӣ метавонад равандҳои тиҷоратиро ба таври назаррас тезонад ва ё барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ садди асосӣ гардад.

Ключевые слова: *приграничные районы, рынок, рыночная инфраструктура, состояние, формирование, анализ*

В статье анализируется состояние и особенности формирования институтов рыночной инфраструктуры в приграничных районах Республики Таджикистан. Приводятся приграничные районы Республики Таджикистан и показатели приграничных районов Республики Таджикистан с объектами рыночной инфраструктуры на 2018 год. Указана необходимость системного изучения проблем развития рыночной инфраструктуры регионов Таджикистана как важнейшего элемента эффективной реализации торгово-экономического потенциала страны в обеспечении устойчивого развития национальной экономики, а также в условиях углубление глобализационных отношений важное значение приобретает государственная граница, разнообразность функций которой представляет большой интерес для развития приграничной торговли. Государственная граница

может существенно ускорить торговые процессы, но может стать и неким барьером для развития торговых отношений.

Key words: *border regions, market, market infrastructure, condition, formation, analysis*

The article analyzes the conditions and characteristics of the formation of market infrastructure institutions in the border regions of the Republic of Tajikistan. The article also provides graphs of the border areas of the Republic of Tajikistan and indicators of the border areas of the Republic of Tajikistan with market infrastructure for 2018.The article shows that the need for a systematic study of the development of market infrastructure in the regions of Tajikistan as the most important element for the effective implementation of the country's trade and economic potential in ensuring the sustainable development of the national economy, and in the context of deepening globalization, it is important the state border acquires significance, the diversity of functions which is of great interest to development of cross-border trade. The state border can significantly accelerate trade processes, may become a kind of barrier to the development of trade relations.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати равандҳои ҳамгироӣ, чи дар сатҳи минтақаҳои алоҳида ва чи дар сатҳи кишварҳои алоҳида, ки дар як манзараи ҷуғрофӣ ҷойгиранд, масъалаҳои таъмини инфрасохтории татбиқсозии самараноки иқтидори тиҷорати минтақавӣ ва рушди тиҷорати байниминтақавӣ дар заминаи беҳтар созии инфрасохтори бозорӣ, пеш аз ҳама, ноҳияҳои наздисарҳадӣ аҳамияти муҳим пайдо менамоянд. Инфрасохтори бозорӣ равандҳои мубодилавии байнисубъектҳои хоҷагидорро таъмин намуда, дар механизми ташаккулёбӣ ва рушди бозор ҳамчун институти муҳим баромад мекунад, ки дар набудани он фаъолият номумкин аст.

Бо гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бозории хоҷагидорӣ нақши усулҳои маъмурӣ ва ҷузъии ба танзимдарорӣ паст гашта, нақши механизмҳои ғайримустақими давлат ба рушди минтақаҳои кишвар ва бунёди омили рушди иқтисодиёт меафзояд (3, 7-11). Тамоюлҳои мусбие, ки дар иқтисодиёти минтақаҳои кишвар дар солҳои охир мушоҳида мешаванд, зарурати таҷдид ва ташаккули объектҳои нави маҷмӯи инфрасохториро талаб менамояд, ки ба тақвиятбахшии фаъолияти соҳибкорӣ ва савдои наздисарҳадӣ аз ҳисоби ворид гардидани сармоя ва технологияҳо равона карда шудааст.

Дар айни замон инфрасохтори бозорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад ва рушди минбаъдаи он ҳамчун яке аз шартҳои муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ баромад мекунад. Тадбирҳои аз ҷониби давлат дар самти рушди инфрасохтори бозорӣ роҳандозишаванда танҳо дар чаҳорчӯбаи соҳаҳои алоҳида, ҷузъҳо ва бахшҳои бозор амалӣ карда мешаванд (5,253). То ҳол барномаи маҷмӯӣ, ки бояд рушди инфрасохтори бозории ноҳияҳои наздисарҳадии кишварро дар умум фаро гирад, таҳия карда нашудааст.

Инфрасохтори бозор дар рушди минтақа ва таҷдиди сохтории минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи муосир нақши муҳим дорад. Ташаккул ва рушди инфрасохтори минтақаҳои назди сарҳадӣ барои таҷдиди сохторӣ ва рушди бисёр ҷанбаи минтақаҳои мамлакат ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Дар ин асос, бояд мутобиқатии рушди мазкур бо рушди иқтисодиёти минтақа риоя карда шавад ва суръати таҷдиди инфрасохтори бозории минтақаҳои назди сарҳадӣ ба суръати тағйироти прогрессивӣ дар минтақа мутобиқ бошад.

Чӣ тавре, ки Л.Г.Ахтариева қайд мекунад, инфрасохтори бозор ҷузъи муҳими иҷтимоию иқтисодии системаи минтақа ба ҳисоб меравад, ки муносибат ва алоқаҳои муштаракро байни субъектҳо дар раванди гардиши захираҳои иқтисодӣ муайян менамояд. Аз сатҳи рушди инфрасохтори бозор бештар суръати рушди иқтисодии минтақаҳо вобаста аст (2, 322).

Дар системаи муосири иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити зиёд шудани тағйиротҳои стратегӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ инфрасохтори бозор дар сатҳи рушди мунтазам ва дар мутобиқшавӣ ба ҳолати воқеӣ қарор дорад.

Тайи солҳои истиқлолияти давлатӣ дар қисми зиёди минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба равандҳои амалишавандаи иқтисодӣ таъсиррасонии бевосита бо роҳи ташаккули инфрасохтори самаранок ва базаи институтсионалӣ ба амал меояд, балки дастгирии бевоситаи шаклҳои муайяни фаъолият низ ба назар мерасад. Дар ин робита қайд намудан зарур аст, ки дар мамлакатҳои рушднамудаи саноатӣчараёни гузариш аз дастгирии бевоситаи давлатӣ ба усули бевоситаи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар ташкили инфрасохтор ба мушоҳида мерасад. Тамоюли мазкур аксаран фаъолнокии сармоягузорӣ ва ҳавасмандии минтақаҳоро барои ташкили бизнес баланд мегардонад.

Дар ин робита ба фаъолнокии иқтисодии минтақаҳои наздисарҳадии мамлакат инфрасохтори бозор, мавҷудияти заминҳо, системаи рушдёфтаи нақлиётӣ, системаи алоқа, хоҷагидории анборӣ ва ғайра таъсири калон мерасонанд (3, 7-11).

Бо тарзи дигар, инфрасохтори рушдёфта (роҳҳо, алоқа, терминалҳои мусофиркашонӣ, фурудгоҳ ва ғайра) заминаи асосии таъмини рушди тамоми шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ муносибате вуҷуд дорад, ки самтҳои хосро барои таъмини рушди минтақаҳо, аз ҷумла мавҷудияти ашёи хом, таъминоти сӯзишворию энергетикӣ, таъминоти омилҳои истеҳсолот, мавҷудияти инфрасохтори коммуникатсионӣ ва эҳтиёҷоти харидорон, инчунин мавқеи ҷуғрофию иқтисодиро дар бар мегирад.

Дар самти рушди минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили инфрасохтори муосири ба талабот ҷавобгӯ аҳамияти муҳим дорад, ки барои рушди устувор ва ташаккули хоҷагидории бисёрҷанбаи минтақаҳои наздисарҳадӣ заминаи асосӣ мегузорад.

Сарҳади Тоҷикистон 3651 километрро ташкил намуда, қисми зиёди он аз баландкӯҳҳо мегузарад. Аз Шимол бо Қирғизистон, аз Ҷануб бо Афғонистон ва аз Ғарб бо Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст. Дар поён минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд (ҷадвали 1.).

Ҷадвали 1. Ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ т/р	Номгӯи ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Номгӯи ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Ӯзбекистон
1	ш. Турсунзода	ноҳияи Узуни вилояти Сурхандарё
2	ноҳияи Мастчоҳ	ноҳияи Бекободи вилояти Тошкент
3	ноҳияи Конибодом	ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона
4	ш. Панҷакент	ш. Самарқанд
№ т/р	Номгӯи ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Номгӯи ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Қирғизистон
1	ноҳияи Мурғоб	ноҳияи Кызыл Арти вилояти Ош
2	ноҳияи Лахш	Вилояти Боткенти Қирғизистон
3	ш. Исфара	деҳоти Кызыл-Бель, вилояти Баткент
4	ноҳияи Б. Ғафуров	деҳоти Кулунду вилояти Баткент
№ т/р	Номгӯи ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Номгӯи ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии исломии Афғонистон
1	ноҳияи Мурғоби ВМКБ	Округи Қашғари СУАР
2	ноҳияи Ишкошим	ноҳияи Ишкошим
3	ноҳияи Ҷайҳун	ноҳияи Шерханбандар

Таҳияи муаллиф

Бо мақсади ташаккули шароити зарурии инфрасохтори бозор ва тавсеаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар асоси ҳамкориҳои судманди дуҷониба дар минтақаҳои наздисарҳадӣ, инчунин рушди минбаъда ва таҳкими робитаҳои дӯстӣ дар байни давлатҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомнома оид ба тартиби амалӣ намудани тиҷорати наздисарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид, ки тамоми ҷонибҳои танзимшавандаи фаъолияти нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадиро дар ҷумҳурӣ дар бар мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди инфрасохтори бозор ва тиҷорати наздисарҳадӣ саҳми арзанда доранд. Аммо раванди ташкили шароит дар бозорҳои навташкил, масалан Лангар, Панҷи поён, Ғунҷибоӣ хело суст ҷараён дорад. Ҳанӯз дар маслиҳатҳои аввалин байни роҳбарияти ВМКБ ва музофоти Бадахшони Афғонистон мувофиқа карда шуд, ки дар ҷониби Афғонистон бозорҳо ва дар ҷониби Тоҷикистон савдои молу маҳсулот дар соҳили ҳар ду ҷониб ба роҳ монда шавад. Аммо ин масъала ҳанӯз ҳалли

худро наёфтааст. Айни замон Ташкилоти ҳамкориҳои техникии Олмон (GIZ) дар шахсияти Ассотсиатсияи «Милал – интер» хело фаъол аст(4, 144).

Дар маҷмӯъ рушди инфрасохтор ва тиҷорати наздисарҳадӣ ва баланд бардоштани сатҳи он аз ҳамаи иштирокдорон диққати ҷиддӣ ва ширкати фаъолонаро талаб менамояд. Мақсаднок мебуд, агар аз ҳисоби намояндагони мақомотҳои давлатии ҳавасманд ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ташкили инфрасохтори бозор ва рушди тиҷорати наздисарҳадии минтақавӣ маркази ҳамоҳангсозӣ ташкил карда шавад.

Дар мақолаи мазкур 14 шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки кушодани нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ пешбинӣ ва Қарори дахлдор қабул шудааст, танҳо дар 4 ноҳия (Ишкошим, Дарвоз, Хоруғ ва Исфара) нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ ташкил карда шудаанд. Сабабҳои асосии проблемаҳои мавҷуда дар минтақаҳои наздисарҳадии ҷумҳурӣ аз инҳо иборат аст:

- мавҷуд набудан ва нокифоягии воситаҳои молиявӣ барои ташаккули инфрасохтори бозор ва ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ дар нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;
- набудани тартиби содакардашудаи воридшавӣ ва баромади шаҳрвандони хориҷӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби содакардашудаи назорати сарҳадӣ ва гумрукӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳӣ, инчунин тартиби содакардашудаи ҳаракати мол ва воситаҳои нақлиётӣ барои истиқоматкунандагони минтақаҳои наздисарҳадӣ бо мақсади ба роҳ мондани тиҷорати наздисарҳадӣ;
- маҳдуд намудани номгӯй ва миқдори молҳои барои тиҷорати наздисарҳадӣ муайкарраргардида;

Тезонидани ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ дар дигар ноҳияҳо метавонад шиддатро дар сарҳад бо ҷумҳурии ҳамсояи Афғонистон аз байн бурда, барои рушди инфрасохтори бозор шароити мусоид фароҳам орад. Дар ин замина, омӯзиши амиқи ҳолати онҳо зарур аст ва бояд ба ташкил ва беҳсозии фаъолияти онҳо мусоидат карда шавад. Масъалаи ташкили бозорҳои нав ва мукаммалсозии бозорҳои мавҷуда бо роҳи ташкил намудани инфрасохтори зарурӣ низ хело муҳим аст. Инчунин, кушодани бозорҳои наздисарҳадӣ имконият фароҳам меорад, ки бозори ғайриқонунӣ аз байн бурда шавад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои таъмини минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки объектҳои инфрасохтори бозории мавҷуда барои рушди инноватсионии минтақаҳои мамлакат нокифоя аст (ҷадвали 2). Ба ғайр аз ин, иқтидори мавҷуда ва объектҳои инфрасохтори бозорӣ пурра истифода намешаванд. Қафомонӣ дар сатҳи рушди инфрасохторӣ ба он оварда мерасонад, ки соҳаҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва молиявии ин ноҳияҳо дар шароити номуносиб ва ғайрисамаранок рушд намоянд.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои таъминнокии навоҳии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо объектҳои инфрасохтори бозорӣ дар соли 2017

№	Навоҳии наздисарҳадӣ	I	II	III	IV	V	VI	VI
1	Лахш	*10*	*2*	*13*	*220*	*3*	*16,8*	*6,1*
2	Конибодом	*68*	*3*	*53*	*877*	*5*	*341,6*	*14,0*
3	Панҷакент	*83*	*5*	*59*	*1271*	*3*	*270,6*	*40,8*
4	Мастчоҳ	*34*	*2*	*37*	*679*	*2*	*147,8*	*19,6*
5	Спитамен	*45*	*3*	*34*	*435*	*2*	*410,8*	*14,6*
6	Турсунзода	*51*	*4*	*55*	*937*	*3*	*569,8*	*19,6*
7	Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ	*16*	*2*	*38*	*719*	*1*	*87,3*	*16,2*
8	Фархор	*11*	*1*	*38*	*780*	*1*	*101,6*	*5,6*
9	Ҷайҳун	*9*	*1*	*23*	*498*	*1*	*139,2*	*2,6*
10	Шамсиддин-Шоҳин	*9*	*1*	*14*	*524*	*1*	*23,5*	*2,5*
11	Ишкошим	*6*	*2*	*5*	*142*	*2*	*6,5*	*2,2*
12	Дарвоз	*6*	*2*	*7*	*174*	*1*	*8,3*	*5,7*
13	Хоруғ	*25*	*5*	*16*	*706*	*3*	*56,6*	*15,9*
14	Мурғоб	*6*	*1*	*3*	*150*	*1*	*5,1*	*1,9*

Эзоҳ: I – шумораи корхонаҳои савдо ва хӯроки умумӣ; II – теъдоди меҳмонхона ва тарабхонаҳо;III – шумораи ташкилотҳои фаъолияти молиявӣ; IV беморхонаҳо дар охири сол нафар;V – шумораи ташкилотҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ; VI – Савдо ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ; VII – ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ, ҳазор метри мураббаъ.

Аз тарафи муаллиф дар асоси Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2018 тартиб дода шудааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҳолати кунунии минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос менамоянд, дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мавҷудияти муаммоҳои зиёди ҳалношуда ва омилҳои объективии таъминкунандаи рушди баробари ҳудудҳо нобаробарӣ ва тафриқаро муайян намуд (ҷадвали 3).

Аз ҷумла ҳолати ҳозираи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ифода мегарданд:

- тафриқаи зиёди сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо (минтақаҳои наздисарҳадӣ);
- ба ноҳияҳои калони ҷумҳурӣ равона намудани иқтидори иҷтимоию истеҳсолӣ;
- парокандагии минтақаҳои наздисарҳадӣ ва заифии ҳамгироии иқтисодӣ дар системаи минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ;
- ҳавасмандии нисбатан пасти минтақаҳои наздисарҳадӣ дар таъминоти рушди онҳо;
- ба қисмҳои хурд ҷудо намудани ҷойгиршавии маъмурӣ – ҳудудии онҳо бе баҳисобгии мақсадҳои иқтисодӣ ва ғайра.

нфрасохтори бозор дар рушди самараноки сохтори иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва молиявии минтақаҳои наздисарҳадӣ шарти аз ҳама муҳим ва асосӣ ба шумор меравад. Аз ин ҷо сатҳи рушди он бояд ба тамоюли умумии рушди иҷтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои мамлакат мутобиқ бошад.

Дар ин робита барои ташаккули инфрасохтори муносиб дар минтақаҳои наздисарҳадӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад ва самаранокии он бояд самти истеҳсолот, фурӯши молу маҳсулот (хизматрасониҳо) ва соҳаи идоракуниро дар бар гирад.

Бояд қайд намуд, ки муайян ва танзими проблемаҳои инфрасохтори бозории минтақаҳои наздисарҳадӣ ин раванди бисёр мушкил аст. Проблемаҳои калидии ташаккул ва рушди инфрасохтори минтақаҳои наздисарҳадиро бояд бо роҳи танзими санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қабули лоиҳаҳои муштараки инноватсионӣ, рушди соҳаи маориф ва илм дар иқтисодиёти минтақавӣ ҳал намуд.

Ба ғайр аз ин, мақомоти ягонаи идоракунии равандҳои инноватсионӣ ва комплексҳое бояд ташкил карда шаванд, ки ба рушди онҳо барои пурзӯр намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти.

Ҷадвали 3

Нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017

Нишондиҳандаҳо / Ноҳияҳои наздисарҳадӣ	Шумораи аҳолии мӯътамад	Ҳаҷми фурӯши хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ, млн. сомонӣ	Ҳаҷми фурӯши хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ, млн. сомонӣ	Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ	Сармоягузорӣ, млн сомонӣ	Музди миёнаи меҳнат ҳазор сомонӣ
Вилояти Суғд						
Конибодом	205,5	53,6	1,3	193,8	34,6	768,36
Панҷакент	290,3	29,5	0,8	1269,5	302,0	1264,60
Мастчоҳ	122,6	7,4	0,03	196,2	22,8	700,76
Спитамен	136,7	15,4	0,9	111,2	21,7	789,85
Вилояти Хатлон						
Ҳамадонӣ	143,9	6,1	0,1	75,2	51,8	680,86
Фархор	163,7	3,7	0,3	116,7	32,4	640,19
Ҷайҳун	132,7	2,2	0,2	108,5	55,0	838,06
Шамсиддин Шоҳин	53,4	0,7	0,05	32,1	107,9	718,91
Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон						
Ишкошим	32,2	2,5	0,1	12,5	25,0	645,31
Дарвоз	23,3	0,7	0,2	47,0	13,8	756,77
Хоруғ	29,9	20,6	0,7	56,5	285,1	1225,56
Мурғоб	15,3	0,4	0,0	20,2	19,2	888,28
Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ						
Турсунзода	286,2	52,7	2,8	505,2	83,5	878,94
Лахш	63,8	0,5	0,1	98,4	29,4	688,88

Сарчашма: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон//Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». - 2018. - С. 19, 75, 120, 303, 316, 321.

И паркҳои илмӣ – технологӣ ва муносибгардонии инфрасохтори инноватсионии ҷойгиркунии онҳо ҷавобгӯ бошанд.

Барои баррасии проблемаҳои инфрасохтори бозории минтақаҳои наздисарҳадӣ бояд амалҳои стратегиро дар рушди соҳаҳои гардиши мол, тиҷорати наздисарҳадӣ, инчунин рушди фаъолияти субъектҳои инфрасохтори бозор (тиҷоратӣ – миёнаравӣ, молиявӣ-қарзӣ, ҳуқуқӣ, робитаҳои иқтисодии беруна ва иттилоотии наздисарҳадӣ ва ғайра) истифода намуд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки инфрасохтори бозории минтақаҳои наздисарҳадиро дар заминаи дастгирии равандҳои инноватсионӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунии давлатӣ, дар мувофиқа бо стратегия ва афзалиятҳои сиёсати қарзию молиявӣ ва сармоягузорӣ метавон мукаммал гардонид. Бо ин мақсад бояд шароитҳо барои рушди инфрасохтори инноватсионии рақобатпазирии ташкилот, таъминот, дастгирии равандҳои сармоягузорӣ, ташаккули шароитҳо барои ҷалби сармоя ва корхонаҳо дар иқтисодиёти минтақавӣ, муайянсозии самтҳои нисбатан ояндадори ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ва ғайра ташкил карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. *Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон-2018.*
2. *Ахтариева Л. Г. Системная модернизация региональной рыночной инфраструктуры / Л.Г. Ахтариева // Проблемы современной экономики, N 3 (27), 2008, С. 222.*
3. *Ашуров М.Н. «Проблемы выдачи кредита банками производственным предприятиям в РТ» Вестник Таджикского национального университета 2/3(86)-Душанбе-2012, №2/3(86).-С.7-11.*
4. *Солехзода А.А., Ашуров М.Н. Основные направления развития рыночной инфраструктуры приграничных районов РТ// Экономика и управление: проблемы, решения. 2017. Т. 1. № 1. С. 144-149.*
5. *Солиев А.А. (Солехзода А.А.) Приграничная торговля Республики Таджикистан с соседними странами: состояние и перспективы/ Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы экономики и менеджмента в современном Таджикистане».-Душанбе: «Ирфон», 2012-С253-258.*
6. *Радина О.И. Инфраструктурное обеспечение институциональной устойчивости социально-экономической системы региона изд. / О.И. Радина-ЮРГУЭС Шахты 2006-С.96.*
7. *Жамин В. А. Инфраструктура при социализме // Вопросы экономики. – 2013. – №2. – С. 14.*

REFERENCES

1. *Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, Regions of the Republic of Tajikistan-2018*
2. *Akhtarieva L. G. Systemic modernization of the regional market infrastructure / L.G. Akhtarieva // Problems of the modern economy, N 3 (27), 2008, S. 222.*
3. *Ashurov M.N. "Problems of issuing loans by banks to manufacturing enterprises in the Republic of Tatarstan" Bulletin of the Tajik National University 2/3 (86) -Dushanbe-2012, No. 2/3 (86) .- P.7-11.*
4. *Solehzoda A.A., Ashurov M.N. The main directions of development of market infrastructure of the border regions of the Republic of Tajikistan // Economics and Management: Problems, Solutions. 2017.Vol. 1. No. 1. S. 144-149.*
5. *Soliev A.A. (Solekhzoda A.A.) Cross-border trade of the Republic of Tajikistan with neighboring countries: status and prospects / Materials of a republican scientific-practical conference on the topic "Actual problems of the economy and management in modern Tajikistan." - Dushanbe: "Irfon", 2012-S253-258.*
6. *Radina O.I. Infrastructural support of the institutional stability of the socio-economic system of the region ed. / O.I. Radina-YURGUES Mines 2006-S.96.*
7. *Zhamin V. A. Infrastructure under socialism // Economic Issues. - 2013. - No. 2. - S. 14.*

УДК – 33
ББК - 65.050.9(2)2

НИЗОМИ ДАВЛАТИИ ДАСТГИРИИ КОРХОНАҲОИ БИЗНЕСИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ

Бобоева Шаҳло Ғаниевна*- ассистенти кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионӣ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд. e-mail: boboeva_90@inbox.ru*

ГОСУДАРСТВЕННАЯ СИСТЕМА ПОДЕРЖКИ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В ЭКОНОМИКЕ РЕГИОНА

Бобоева Шахло Ганиевна*- ассистент кафедры высшей математики и инновационной технологииИнститута экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, г. Худжанд. e-mail: boboeva_90@inbox.ru*

STATE SUPPORTING SYSTEM OF MIDDLE AND SMALL BUSINESS ENTERPRISES IN REGIONAL ECONOMY.

Boboeva Shahlo Ganievna*- Assistant of Department of Higher Mathematics and Innovative Technologies of the Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce in Khujand. e-mail: boboeva_90@inbox.ru*

Вожаҳои калидӣ: *захираҳои молиявӣ, низоми давлатӣ, ташкилоти молиявӣ, қарздиҳӣ, сармоягузорӣ, диверсификатсияи сохтори содирот, рушди равобити тиҷоратӣ*

Дар мақола асосан низоми давлатии дастгирии корхонаҳои бизнеси хурду миёна дар иқтисодиёти минтақавӣ дида баромада шудааст. Мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣбомақсади дастгирии соҳибкорӣ, чораҳоро барои васеъ намудани иштироки ҳама шаклҳои соҳибкорӣ, дар муомилоти содиротию воридотӣ, намоишу ярмаркаҳои байналмилалӣ, татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба амал мебароранд.

Дар мақола бо истифода аз усули ҳисобкард ва таҳлили иқтисодӣ исбот мешавад, ки дар натиҷаи дастгирии корхонаҳои бизнеси хурду миёна рушди устувори иқтисодӣ таъмин мегардад. Ҳамзамон, таҳлил карда шудааст, ки бе сохта ба истифода додани корхонаҳои хурду миёна ба пешравии иқтисодиёт ноил гаштан ғайриимкон мебошад. Ташкил карда шудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои тараққӣ додани фирмаҳои бизнеси хурду миёнаи соҳаи хизматрасонии иқтисодиёти минтақавӣ, ки дар рушди минбадаи иқтисодиёт саҳми калон доранд, низ таҳлил шудааст. Азхудкунии заминҳои нав, рушди ҳунарҳои дастӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳамчун самтҳои афзалиятноки низоми давлатии дастгирии бизнеси хурд дар иқтисодиёти минтақа ба хисоб меравад.

Ключевые слова*: финансовые ресурсы, государственные системы, финансовые институты, кредитование, инвестиции, диверсификация структуры экспорта, развитие торговых отношений*

Основное внимание в статье уделено системе государственной поддержки малого и среднего бизнеса в экономике региона. Государственные органы и общественные организации работают с целью поддержки предпринимательства, мер по расширению всех форм предпринимательства в экспортно-импортных кругах, международных выставках и ярмарках, реализации программ и проектов внешнеэкономической деятельности. Проанализировано, что без развития малых и средних предприятий невозможно добиться экономического роста. Создание свободных экономических зон также было расмотрено с целью развития малого и среднего бизнеса, услуг региональной экономики, которые вносят значительный вклад в развитие национальной экономики. Освоение новых земель, развитие ремесел, повышение правовых знаний граждан как приоритетных направлений государственной системы развития малого предпринимательства в экономике региона.

Key words: *financial resources, state system, financial organizations, credit, investment, diversification of financial system, the development of financial cooperation*

In this article, the state supporting system of middle and small business enterprises in the regional economy is mainly worked out. With the aim of supporting business, widening their participation in all types of business, in export and import relationships, taking part in international shows and fairs the state organ and state organizations realize international programs and projects.

Using the calculation form and economical analyses in this article is proved that at the result of supporting middle and small business enterprises the stable development of economy is established. It is also calculated that without building middle and small firms to achieve economical development is impossible. The organization of free economical zone which plays an important role in the development of middle and small business economical firms is also analyzed in this article. Studying new lands, developing handicraft, razing educational law of citizens are the main effective ways of state supporting system of middle and small business in regional economy.

Бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёт, пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ вобаста ба таъсири омилҳои беруна, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, таъсиси коргоҳҳои нав, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, фароҳам овардани ҷойҳои нави кории мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва барқарор намудани ҷойҳои кории барҳамдодашуда, ҳамаҷониба таъмин намудани дастгирии давлатии соҳибкорӣ, бахусус дар самти истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва афзунгардонии потенсиали содиротии минтақа, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва боғу токзор, афзоиши саршумори чорво, ривоҷисоҳаи тухмипарварӣ ва зотпарварӣ, сохтмон ва шаҳрсозӣ, беҳтар намудани обрасонӣ, барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ, азхудкунии заминҳои нав, баланд бардоштани бордеҳи замин, рушди ҳунарҳои дастӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳамчун самтҳои афзалиятноки низоми давлатии дастгирии бизнеси хурд дар иқтисодиёти минтақа ба хисоб меравад.

“Тавассути фаъолияти самараноки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ барои ҳар як шаҳрванди кишвари азизамон шароити арзандаи зиндагиро таъмин кардан зарур аст” [1].

Барои дастгирии давлатии бахши хусусӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна ҳама солона аз буҷети давлат маблағҳои мақсаднок ҷудо карда мешавад. Аз оғози фаъолият. Фонди дастгирии соҳибкорӣ 133 млн. сомонӣ маблағ ҷудо намуд ва ба 117 субъекти хоҷагидор ба маблағи 95 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шуд, ки 47 шаҳру ноҳияҳоро дарбар гирифт. Танҳо соли сипаригашта тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ зиёда аз 154 лоиҳаи тиҷоратӣ дар 49 шаҳру ноҳияи кишвар ба маблағи 200 млн. сомонӣ сармоягузорӣ гардидааст. Инчунин, тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ то имрӯз дар 50 шаҳру ноҳияи кишвар барои 168 лоиҳаи тиҷоратӣ 243 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст. Аммо ин ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест, зеро талабот ба маблағҳои қарз аз ҷониби соҳибкорон зиёд буда, ҳатто низоми бонкии кишвар онро пурра қонеъ гардонида наметавонад.



Сармоягузорӣ аз Фонди дастгириш соҳибкорӣ, (млн.сомонӣ)

Дар соли ҷорӣ тавассути грантҳои Президенти Тоҷикистон барои рушди соҳибкории занон 8 миллион сомонӣ, ҷиҳати оғози фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди он 15 миллион сомонӣ, Фонди давлатии дастгирии соҳибкорӣ 370 миллион сомонӣ ва фонди дастгирии омӯзгорони ҷавон 8 миллион сомонӣ равона мегарданд.

'Таҷрибаи аксари кишварҳои пешрафта собит месозад, ки дар бисёр мавридҳо аз хусусигардонии корхонаҳои мавҷудаи давлатӣ дида, муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишофи корхонаҳои нави хусусӣ ё бо шарикии бахши хусусӣ аҳамияти махсуси иқтисодӣ дорад. Дар шароити ҶТ, ки қисми зиёди воситаҳои асосӣ ва гардони корхонаҳои давлатии аз замони Шӯравии собиқ ба мерос монда, ба фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ назаррас дучор шуда, молҳои истеҳсоли қисми корхонаҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилию берунӣ чандон рақобаттавон намебошанд. Роҳи васеъ кушодан барои ривоҷу равнақи тамоми шаклҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна, дар заминаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷию дохилӣ, истифода аз техника ва технологияҳои инноватсионӣ аҳамияти фавқулода пайдо мекунад. Тибқи конунгузории ҶТ стратегияи дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз руи самтҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

• ташаккули инфрасохтори дастгирӣ ва рушди устувори соҳибкории хурд, миёна;

• бунёди шароитҳои имтиёзнок барои субъектҳои соҳибкории хурд аз манбаъҳои буҷети давлат, фондҳои мақсаднок, моддию техникӣ, иттилоотӣ, инчунин технологияҳои муосир;

• муқаррар намудани низоми содакардашудаи тартиби аз қайди давлатӣ гузаронидани субъектҳои соҳибкории хурд, литсензиякунонӣ ва сертификатонии маҳсулоти онҳо;

• дастгирии фаъолияти иқтисодии хориҷии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳамзамон мусоидат ба рушди равобити тиҷоратӣ, илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва иттилоотӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ;

• ташкили тайёр намудан, бозомузӣ, такмили ихтисос, баланд бардоштани дараҷаи тахассуси касбии соҳибкорон.

Дар шумораи умумии корхонаҳои хурди мамлакат ҳиссаи аз ҳама зиёдро корхонаву соҳаҳои зерин: савдо ва хӯроки омма -29,4 фоиз, хизматрасонии маишӣ, манзилӣ-коммуналӣ — 19,5 фоиз, сохтмон ва умумри лоиҳакашӣ 13,4 фоиз, саноат - 13,2 фоиз-ро ташкил намуда бошанд, вале дар соҳаҳои дигари иқтисоди миллӣ: хизматрасонии иттилоотӣ ва ҳисоббаробаркунӣ, илм, фарҳанг, қарздиҳӣ, кишоварзӣ, нақлиёту алоқа, маориф, тандурустӣ вазни қиёсии онҳо хеле ночиз буда, мутаносибан аз 0,001 то 0,04 фоизро ташкил медиҳад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ, гарчанде теъдодадошон афзун шуда бошад ҳам, вале майдони кишт ба ҳисоби миёна ба ҳар як хоҷагӣ сол аз сол кам шуда истодааст, агар соли 2000 - 115,6 га-ро ташкил дода бошад, он соли 2012 танҳо 35,4 га-ро ташкил дод, яъне 3,1баробар кам шудааст, сатҳи нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ исботи ин аст.

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои афзалияток ва муайян намудани дурнамои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар «Стратегияи миллии рушди ҶТ то соли 2030» таҳия гардидааст. Барои амалӣ кардани Стратегияи мазкур муайян карда шудааст:

1. Маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар то се маротиба зиёд карда шавад, яъне бояд бахши хусусӣ ва миёнаи иқтисодиёт хеле фаъол корбарӣ намояд;

2. Имрӯз бояд ҳаҷми маҳсулоти содиротии кишварамон ба маҳсулоти воридшаванда баробар ва оянда аз он зиёд гардад.

3. Ташкили ҷойҳои кории нав, ки яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ба шумор меравад. Яъне бе сохта ба истифода додани корхонаҳои хурду миёна ба пешравии иқтисодиёт ноил гаштан ғайриимкон мебошад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда вобаста ба таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, ҳамчун ҷузъи иқтисодиёти миллӣ як қатор стратегияву барномаҳои давлатии соҳавию минтақавӣ мавриди татбиқ қарор дода шудааст. Дар вилояти Суғд “Барномаи

миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020” татбиқ гардида истодааст. Дар доираи Барномаи мазкур амалишавии 188 лоиҳа ба маблағи умумии 11,3 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар даврони Истиқлол зиёда аз 1600 фирмаҳои бизнеси хурду миёнаи иқтисодиёти минтақавӣ ба амсоли корхонаҳои муштараки «Ҷавонӣ», «Апрелевка», «ВТ-Силк», «САТН», «Зарафшон» ва ғайра ташкил карда, 4 нақби (роҳи зеризаминӣ) ба дарозии зиёда аз 31 км («Истиқлол», «Шаҳристон», Шар-Шар «Озодӣ», Чормағзак-«Хатлон») сохта ба истифода дода шуданд. Бунёди нерӯгоҳҳои азими обии барқи «Роғун», «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», ғайр аз ин дар минтақаҳои кӯҳистони кишвар сохтмони зиёда аз 160 нерӯгоҳҳои хурди барқии обӣ анҷом ёфт. Таҷдиду таъмири роҳҳои автомобилгарди Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, Шоҳон-Зиғар, Душанбе-Қӯрғонтеппа-Ҷиргатол-Саритош, Душанбе-Хуҷанд-Чанок, Қӯрғонтеппа-Панҷи Поён, Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Қулма, Панҷакент-Айнӣ ва ғайраҳо, роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб ба охир расида, ба иқтисодиёти мамлакат манфиати калон оварда истодаанд. Ташкил шудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои тараққӣ додани фирмаҳои бизнеси хурду миёнаи соҳаи хизматрасонии иқтисодиёти минтақавӣ дар Хуҷанд, Данғара ва Бадахшон, ба истифода додани 5 кӯпруки замонавӣ аз болои дарёи Панҷ дар мавзеъҳои Фархор, Шӯрообод, Панҷи Поён, Ишкошим, ки тавассути қаламравии Афғонистон ба бозорҳои байналмилалӣ кишвари моро мепайванданд, дар рушди иқтисодиёт саҳми калон доранд. Дар мисоли соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ вилояти Суғд метавонем, нишондиҳандаҳоро таҳлил намоем.

Ҷадвали 1



Маълум мегардад, ки тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2017 дар вилояти Суғд ҳаҷми гардиши моли чакана 7480,3 млн. сомонӣ ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 3333,2 млн. сомониро ташкил дода, афзоиш нисбат ба соли 2016 мутаносибан 109,4 фоиз ва 100,2 фоиз таъмин гардидааст. Бо истифода аз усули ҳисобкард ва таҳлили иқтисодӣ-риёзӣ ҳафт соли охирро таҳлил намоем маълум мешавад, ки соҳаи савдо ва хизматрасонии пулакӣ дар вилояти Суғд рӯ ба афзоиш ниҳодааст. (Нигаред ба ҷадвали 1). Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии вилоят дар соли 2017 ба 2050,1 млн. доллари ИМА, аз ҷумла воридот ба 1545,1 млн. ва содирот ба 505,0 млн. доллари ИМА баробар шуд, ки нисбати соли қаблӣ 187,1 млн. доллари ИМА зиёд буда, суръати афзоиш 109,6 фоизро ташкил додааст.

Дар сохтори воридоту содирот тағйироти мусбат ба назар мерасанд. Аз ҷумла, суръати афзоиши содирот нисбат ба воридот зиёд шуда, мутаносибан 13,4 ва 8,4 фоизро ташкил намудааст.

Нишондиҳандаи мусбати содирот асосан аз ҳисоби содироти маъдан ва консентрат, семент, калобаи пахтагин ва либосворӣ таъмин гардидааст. Аз таҳлили сохтори содирот бармеояд, ки нахи пахта дар соли 2017 ба маблағи 33,7 млн. доллари ИМА ва ба миқдори 20859 тонна содирот шудааст, ки нисбати соли 2016 мутаносибан 5,0 млн. доллари ИМА ва 6438 тонна кам мебошад.

Сабаби кам шудани ҳаҷми содироти нахи пахта ин пеш аз ҳама татбиқ гардидани лоиҳаҳои афзалиятнок дар самти истеҳсолоти воридот ивазкунанда мебошад, ки дар натиҷаи дуруст истифода бурдани иқтидорҳои мавҷуда ва бунёди иқтидорҳои иловагӣ коркарди пурраи нахи

пахта то маҳсулоти ниҳоӣ зина ба зина ба роҳ монда шуда истодааст. Ба маблағи 4,7 млн. доллари ИМА афзудани содироти либосворӣ далели ин гуфтаҳо мебошад.

Комёбии назаррас дар самти содирот ба фурӯш баровардани семент ба бозорҳои беруна мебошад. Дар соли 2017 248,2 ҳазор тонна семент ба маблағи 10,3 млн. доллари ИМА содирот карда шудааст, ки нисбати соли 2016 мутаносибан 162,4 ҳазор тонна ва 6,2 млн. доллари ИМА зиёд мебошад.

Ҳаҷми содироти маъдан дар соли 2017 ба 386,8 млн. доллари ИМА баробар шуда, дар маҷмӯъ 352,2 ҳазор тонна маъдан ва консентрат ба содирот бароварда шудааст. Ҳиссаи ин намуди маҳсулот дар сохтори содирот 76,6 фоизро ташкил додааст.

Дар натиҷаи татбиқи "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" диверсификатсияи сохтори содирот роҳандозӣ гардида, ҳиссаи содироти дигар намудҳои маҳсулоти тайёр афзоиш дода мешавад. Аз ҷумла, бо фаъолияти Комбинати металлургии ш. Истиқлол ҳамасола 50,0 ҳазор тонна сурб истеҳсол гардида, дар натиҷа, содироти консентрати сурб якчанд маротиба коҳиш ёфтааст.

Инчунин, дар соли 2017 ба маблағи 9,8 млн. доллари ИМА маҳсулоти кишоварзӣ содирот карда шудааст. Аз ҷумла, ба маблағи 5,7 млн. доллари ИМА 27707 тонна хушкмева ва ба маблағи 2,2 млн. доллари ИМА 51790 тонна пиёз ба бозорҳои беруна бароварда шудааст.

Ҳамзамон, воридоти намудҳои маҳсулоте, ки имконияти истеҳсолашон дар дохили кишвар мавҷуд мебошад, тадриҷан коҳиш ёфта истодааст. Аз ҷумла, воридоти орд ва семент нисбати соли 2016 мутаносибан 34508 тонна ва 43050 тонна кам шуда, дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 56867 тонна орд ва 24732 тонна семент ворид гардида, истеҳсоли ин намудҳои маҳсулот дар дохили вилоят афзоиш дода шуд.

Фаъолияти соҳаи хизматрасониҳои бонкӣ, алоқа ва коммуналӣ зери таваҷҷӯҳи доимии давлату ҳукумат қарор дошта, иваз намудани тарофаву меъёрҳои хизматрасонӣ дар мувофиқа бо сохторҳои дахлдори давлатӣ ва тибқи қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Дар қаламрави вилоят 823 ташкилоту муассисаҳои қарздиҳию хизматрасонии бонкӣ фаъолият доранд. Аз ҷумла, 1 бонки мустақил, 8 ташкилоти амонатию қарздиҳӣ, 5 ташкилоти қарздиҳӣ, 10 фонди қарздиҳии хурд, 129 филиали бонкҳо, 153 филиали ташкилотҳои қарзӣ ва 517 марказҳои хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Солҳои охир зери таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ паст шуда, ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ ва ҷалби пасандозҳо коҳиш ёфта буд. Дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ 47,2 млн. доллари ИМА сармояи мустақими хориҷӣ барои афзоиш додани сандуқи қарзии ташкилотҳои қарздиҳӣ ҷалб карда шуд. Ин имконият дод, ки ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ нисбат ба соли 2016 35,7 млн. сомонӣ зиёд шуда, ба 1826,8 млн. сомонӣ расонида шавад. Фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда бо пули миллӣ 33,7 ва бо асъори хориҷӣ 19,4 фоиз, фоизи миёнавазни ҷалби пасандозҳо бо пули миллӣ 17,2 ва бо асъори хориҷӣ 7,3 фоизро ташкил медиҳад. Ваколати танзими фаъолияти соҳа тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ба Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои он вогузор шудааст.

Дар шароити муосир ҷалб намудани сармоягузориҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт омили асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бо фароҳам овардани муҳити мусоиди инвеститсионӣ ба иқтисодиёти вилоят дар соли 2017 292,0 млн. доллари ИМА сармоягузории дохилию хориҷӣ ворид гардида, дар маҷмӯъ суръати афзоиш нисбат ба соли 2016 126,6 фоизро ташкил дод. Аз ҷумла, 21,6 млн. доллари ИМА сармоягузориҳои дохилӣ ва 192,5 млн. доллари ИМА сармояи мустақим ба иқтисодиёти вилоят ҷалб карда шуд.

Афзоиши воридоти сармоя дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 асосан аз ҳисоби ворид шудани сармояи мустақим ба «Комбинати маъданбойкунии Тоҷикистону Хитой» 121,5 млн. доллари ИМА, ҶДММ «Хуаксин Ғаюр (Суғд) семент» 16,0 млн. доллари ИМА, ҶСП «Бонки Эсхата» 20,8 млн. доллари ИМА, ҶДММТАҚХ «Имон Интернешнл» 20,5 млн. доллари ИМА, ҶДММТАҚХ «Арванд» 4,9 млн. доллари ИМА, Лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Хуҷанд-Исфара 4,2 млн. доллари ИМА, Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд 1,4 млн. доллари ИМА ва ҶДММ «ҚолинҳоиСуғд» 1,1 млн. доллари ИМА таъмин гардид.

Дар қаламрави вилоят айни ҳол 22 лоиҳаҳои инвеститсионӣ амалӣ шуда истодаанд. Вобаста ба вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба масъалаи ҷалби сармояи дохилӣ ва густариши ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад. Дар соли 2017 аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ ба иқтисодиёти вилоят 190,5 млн. сомонӣ ё 21,6 млн. доллари ИМА сармоягузорӣ карда шуд. Саҳми бештари ин маблағгузориҳо ба соҳибкорони шаҳру ноҳияҳои

Хуҷанд 86,2 млн. сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 29,3 млн. сомонӣ, Бӯстон 22,5 млн. сомонӣ, Спитамен 11,0 млн. сомонӣ, Истаравшан 8,7 млн. сомонӣ, Конибодом 8,0 млн. сомонӣ, Панҷакент 7,9 млн. сомонӣ ва Гулистон 7,8 млн. сомонӣ рост меояд.

Дар маҷмӯъ, барои пешбурди иқтисодиёти вилоят дар моҳҳои январ-ноябри соли 2017 1826,8 млн. сомонӣ воситаҳои қарзӣ равона гардидаанд, ки аз он ба соҳаҳои истеъмолот 451,6 млн. сомонӣ, савдои хориҷӣ 340,2 млн. сомонӣ, кишоварзӣ 439,2 млн. сомонӣ, саноат 314,3 млн. сомонӣ, хизматрасонӣ 162,0 млн. сомонӣ, сохтмон 55,1 млн. сомонӣ ва дигар соҳаҳо 64,3 млн. сомонӣ рост меояд.

Ҷадвали 2



Барои рушди соҳибкории хурду миёна дар ин давра 1379,4 млн. сомонӣ маблағҳои қарзӣ равона карда шуд, ки 75,5 фоизи ҳаҷми умумии маблағгузориҳои бонкиро дар соли 2017 ташкил медиҳад.

Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ сол аз сол зиёд шуда, дар ҷамъбасти соли 2017 ба 100,0 ҳазор нафар баробар шудааст. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилоят дар соли 2017 ба 16,7 млрд. сомонӣ ва суръати афзоиши он ба 107,1 фоиз расонида шуда, ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 27,3 фоизро ташкил додааст. (Нигаред ба ҷадвали 2). Ҳиссаи соҳаи саноати вилоят дар ташаккули ҳаҷми маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ зиёда аз 50,0 фоизро ташкил намуда, ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба 9883,1 млн. сомонӣ расонида шуд, ки баробари 131,5 фоизи нишондиҳандаи соли 2016 мебошад. (Нигаред ба ҷадвали 3).

Ҷадвали 3



Дар натиҷаи андешидани чораҳоимуассир дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мувофиқимаълумотҳоиморӣ, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Аз ҷумла, истеҳсоли равғани растанӣ дар ин давра ба 4742,5 тонна расонида шуда, суръати

афзоиш ба 117,0 фоиз баробар шуд. Дар соли 2017 ба миқдори 314,1 ҳазор тонна орд истеҳсол карда шуд, ки нисбати соли қаблӣ 200,7 ҳазор тонна ё 2,8 баробар зиёд мебошад. Истеҳсоли калобаи пахтагин 5584,7 тоннаро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 536,4 тонна зиёд шудааст. Ҳамчунин, истеҳсоли либосҳои мактабӣ ба 377301 адад расонида шуд.

Ба натичаҳои мусбати воқеӣ нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам баъзе мушкилиҳое мавҷуд мебошанд, ки бартараф намудани онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки низоми давлатии дастгирии бизнеси хурд дар иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Аксари вақт соҳибкорон ба мушкилоти асосии зерин рӯ ба рӯ мешаванд:

-норасоии захираҳои молиявӣ, шароити номусоиди қарздиҳӣ;

- баланд будани фоизи қарзи бонкӣ ва кутоҳ будани мӯҳлати баргардонидани он;

- номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ;

- дастрасии маҳдуди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва ҳоказҳо.

Дар натиҷаи бартараф намудани мушкилотҳои асосӣ, дастгирии корхонаҳои бизнеси хурду миёна ва таъмин намудани истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда ва бунёди иқтидорҳои нав дар тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар рушди устувори иқтисодӣ таъмин карда мешавад.

Самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ:

- такмилдиҳии қонунгузориҳо дар соҳа сармоягузорӣ, савдои беруна ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмиллиалии сифати маҳсулот;

- такмили механизмҳои мақсаднок ва ҷалби кӯмаки беруна;

- таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳо оид ба рушди соҳибкорӣ;

- рушди соҳибкории хурд дар деҳот ва ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ;

- инкишоф додани бозори мукаммали коғазҳои қимматнок;

- пурзӯр намудани ниҳоди идоракуниифаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳо;

- татбиқи сиёсати нави мусоидат ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ҳамчун яке аз шартҳои асосии индустриалию инноватсионии рушди иқтисодиётва ғайра.

Ташкил намудани низоми самарабахши милли рушд мутобиқи талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ метавонад ба рушди минтақаҳои кишвар заминаи устувор гузорад. Дар ин замина ба инобат гирифтани хусусиятҳои хос, имкониятҳо ва бартариятҳои ҳар як минтақа мувофиқи мақсад мебошад.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ.

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2019, шаҳри Душанбе.

2. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ», 23.12.1991. Бо тағйироту иловаҳо 13.12.1996. (Садои мардум, 29.01.1997).

АДАБИЁТ

1. Шермет А.Д. Анализ и диагностика финансово-хозяйственной деятельности предприятия. - М.: ИНФРА, 2008. - 366 с.
2. Атаманчук Г.В. Теория государственного управления: Курс лексий 2-е изд. Доп. М.,2004.
3. Аминжанов Б.С. Становление и развитие органов местного самоуправления в Республике Таджикистан. Автореф. к. ю. н. М.2009г.
4. «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Душанбе – 2016.

REFERENCES

1. Shermet A.D. Analysis and diagnostics of financial and economic activity of the enterprise. - M.: INFRA, 2008. – 366 p.
2. Atamanchuk G.V. Theory of Public Administration: The Course of Lectures 2nd ed. Add. M., 2004.
3. Aminzhanov B.S. Formation and development of local governments in the Republic of Tajikistan. Author is abstract on the scholar. Step. K. y. n M., 2009
4. “National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030”, Dushanbe - 2016.

УДК-33.04
ББК- 65.9(5)

ПРИМЕНЕНИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В ОПТИМИЗАЦИИ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА С УЧЕТОМ ТРЕБОВАНИЙ ЭКОЛОГИИ

Джурабоев Гафурджон *- доктор экономических наук, профессор кафедры государственного и местного управления ГОУ «Институт предпринимательства и сервиса», (Республика Таджикистан, г. Душанбе), e-mail: gafurjon51@mail.ru*
Хамидова Истаджон Султонбоевна *- преподаватель кафедры информационной технологии в экономикеГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» (Республика Таджикистан, г.Худжанд), e-mail: istadjon@bk.ru.*

ТАТБИҚИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР МУТОБИҚСОЗИИ ИСТЕҲСОЛОТИ САНОАТӢ БО ДАРНАЗАРДОШТИ ТАЛАБОТИ ЭКОЛОГИЯ

Ҷӯрабоев Ғафурҷон *- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии МДТ "Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе), e-mail: gafurjon51@mail.ru*
Ҳомидова Истадҷон Султонбоевна *- муаллимаи кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» e-mail: istadjon@bk.ru.*

APPLICATION OF DIGITAL ECONOMY IN OPTIMIZATION OF INDUSTRIAL PRODUCTION TAKING INTO ACCOUNT ECOLOGY REQUIREMENTS

Jurabaev Gafurdzhon *- Doctor of Economics, Professor of the Department of State Local Administration of the State Institution of Entrepreneurship and Service, (Republic of Tajikistan, Dushanbe), e-mail: gafurjon51@mail.ru.*
Khomidova Istadjon Sultonboevna*, Lecturer, Department of Information Technology in Economics, KSU named after academician B. Gafurov tel.:(Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: istadjon@bk.ru.*

Ключевые слова: *цифровая экономика, экономико-математическое моделирование, промышленное производство, окружающая природная среда, алгоритм, инновационный подход, экология*

В статье рассматриваются вопросы разработки оптимального развития промышленного производства с учетом негативного влияния на окружающую природную среду, проведение процесса оптимизации промышленного производства должно проходить на основе использования цифровых технологий и применения соответствующих инструментов экономико - математического моделирования по нахождению оптимального плана производства на основе возможностей и перспектив развития цифровой экономики в экологии. Рассмотрено два основных направления состояния окружающей среды и по каждому направлению приведено формализованное описание алгоритма. Кроме того, показана необходимость применения интеллектуальных производственных систем или SMS, которые можно считать развитием автоматизированных систем управления технологическими процессами.

Вожаҳои калидӣ: *иқтисодиёти рақамӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ, истеҳсолоти саноатӣ, муҳити атроф, алгоритм, равиши инноватсионӣ, экология*

Дар мақола масоили таҳияи низоми инкишофи мувофиқи истеҳсолоти саноатӣ бо дарназардошти таъсири манфӣ ба муҳити иҳотакунандаи табиат баррасӣ гардида нишон дода шудааст, ки гузаронидани раванди мутобиқсозии истеҳсолоти саноатӣ бояд дар заминаи татбиқи технологияҳои

рақамӣ ва татбиқи воситаҳои моделсозии иқтисодӣ-риёзии муносибро доир ба муайянсозии нақшаи мувофиқи истеҳсолот дар заминаи имкониятҳо ва дурнамои инкишофи иқтисодиёти рақамӣ дар экология тақозо менамояд.

Ду самти асосии ҳолати сифати муҳити атроф баррасӣ гардидаанд ва доир ба ҳар як самт тавсифи алгоритм оварда шудааст. Бар замми он, зарурати татбиқи низомҳои зеҳнии истеҳсолот, ё SMS нишон дода шудааст, ки онҳоро инкишофи низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунии равандҳои технологӣ ҳисобидан мумкин аст.

Key words: *digital economy, economic and mathematical modeling, industrial production, natural environment, algorithm, innovative approach, ecology.*

The given article is about the matters of system setting development of industrial production that take into consideration the negative impact on the environment.

The author considers that the process of optimizing industrial production should be based on the use of digital technologies and modeling techniques. The work reveals that the solution of this complex task requires the usage of appropriate tools of economic and mathematical modeling and to find optimal production plan in ecology based on the capabilities and prospects of the digital economy.

Two main directions of the solution of the environmental quality are reviewed and the description of the formalized algorithm is given to each direction. In addition the necessity of using intelligent manufacturing system or SMS (Smart Manufacturing Systems) is shown which can be considered as the development of automated process of technological control systems.

В современных условиях, проблема оптимизации структуры промышленного производства все более взаимосвязана и взаимозависима с ужесточением требований по охране природной среды. Эта проблема является комплексной и обусловлена с решением задачи эффективного функционирования промышленности страны в целом. Необходимо отметить, что нахождение поставленных задач по устойчивому социально-экономическому развитию обусловлено тенденциями, которыми характеризуется изменения, связанные промышленными преобразованиями.

Анализ мировых тенденция развития промышленного производства показывает, что происходит смена парадигмы развития, и оно находится на стадии перехода к новому типу производства. Этот качественный переход предопределен действием широкого комплекса факторов, которые действуют, начиная от области применения цифровых технологий до изменений климата. Модернизированное промышленное производство характеризуется переходом на цифровые технологии, инфраструктурные проекты на основах робототехники, использования 3D печати и др.[1, С. 320].

Данный процесс внедрения инновационных подходов в промышленность подтверждается тем, что происходит переход от Industrie 3.0 к Industrie 4.0. Наблюдаемый процесс преобразования в промышленности предопределяет использование инновационных подходов в системе управления и инновационных технологий в процессе производства [3, С. 18-25].

Следует отметить, что построение единого механизма, объединяющего экономические и технологические подходы, с учетом специфическихособенностей промышленного производства, включая требования природоохранной деятельности, является достаточно сложной задачей, требующей применения инструментария экономико-математического моделирования по оптимизации и экологизации промышленного производства.

Исходя из этого, следует, что особенно важным является разработка и реализация целевых критериев для нахождения оптимальных направлений развития промышленного производства и обоснования основных принципов государственного регулирования проводимой эколого-экономической политики, на основе реализации постулатов цифровой экономики.

Решение поставленных задач требует анализа и обобщения существующего опыта, разработки действенного механизма оптимизации производства на основе экономико-математического моделирования, внедрения автоматизированной системы управления состоянием окружающей среды. При этом процесс разработки стратегии развития промышленного производства с учетом факторов экологии, должен отражать возможные перспективы становления и развития цифровой экономики в экологии.

Инструментарий цифровой экономики, применительно к исследуемой задаче по развитию промышленного производства, будет способствовать конкретизации принципов государственного регулирования в сфере повышения эффективности экологической политики. Как инструмент управления, механизм цифровизация экономики представляет собой матрицу, которая предоставляет возможность по учету согласования интересов участников хозяйственной деятельности. Это, в свою очередь, может сбалансировать существующие производственные и технологические связи, решить задачу эффективного распределения инвестиционных вложений [5, С. 943-952].

Определим основные направления разработки инструментария экономико-математического моделирования, в контексте цифровизации экономики и в экологии. При этом,необходимо учитывать возможные критерии оптимизации производства и критерии состояния управляемой экосистемы.

Рассмотрим методические положения по определению оптимального уровня затрат на проведения цифровизации промышленного производства и объема инвестирования на экологизацию производства.

Определение затрат графически можно представить в виде зависимости, для нахождения которой введем следующие обозначения:

S– объем инвестиций, направляемых на внедрение цифровизации;

G(S) – социально-экономический эффект от внедрение цифровизации;

Z(S) – возможный социально-экономическийущерб от недостаточного вложения инвестиций на экологизацию (рис.1).

Как следует из рис. 1 при возрастании объема инвестиций увеличивается экономический эффект от цифровизации, в тоже время уменьшаются возможные социально-экономические потери.

Отсюда должно выполняться условие:

$$\frac{dF(S)}{dS} = 0, \tag{1}$$

где $F(S)=G(S)+Z(S)$



Рисунок 1. Условия нахождения оптимального уровня инвестиций на цифровизацию экономики с учетом экологизации производства

Следовательно, оптимальный объем инвестирования $S_{опт.}$можно определить из соотношения, определяющего равенство предельных инвестиций:

Отсюда следует соотношение:

$$\left|\frac{dG(S)}{dS}\right| = \left|\frac{dZ(S)}{dS}\right|, \tag{2}$$

То есть объем инвестирования определяется из условия равенства предельных затрат на цифровизацию и ущерба от недостаточных инвестиций на охрану природной среды.

На основе поставленных методических положений, нами разработана оптимизационная экономико-математическая модель, которая является составным элементом модели оптимизации развития регионального промышленного производства с учетом достижения требуемых качественных параметров окружающей экосистемы.

Основыформализации разработанной экономико-математической модели оптимизации структуры промышленного производства предприятия состоят в следующем. Предполагается что имеется номенклатура производимой промышленной продукции из нескольких видов. Также предусмотрены различные технологические способы производства каждого из видов продукции. Соответственно, технологические способы производства характеризуются затратами на производство и объемом производственных отходов.

Постановка модели состоит в том, что требуется определить объем производимых видов продукции, с учетом набора соответствующих производственных технологий. Целевая функция модели состоит в максимизации полученного экономического эффекта, с учетом минимизации экономического ущерба от сброса производственных отходов. При этом в качестве природоохранных мероприятий может рассматриваться как переход на технологические способы производства с уменьшенным объемом сброса производственных отходов, так и организация утилизации производственных отходов.

Далее возможны два направления выработки природоохранной стратегии, исходя из поставленных целей. Цель первого направления является достижение стандартов окружающей природной среды на уровне предъявляемых требований. В частности, соблюдение предельно-допустимых концентраций загрязняющих веществ (ПДК).

Цель второго направления состоит в достижении такого уровня качества окружающей природной среды, при котором обеспечивается нахождение экономического оптимума загрязнения. Экономический оптимум загрязнения выявляется при равенстве предельных затрат на природоохранные мероприятия предельному ущербу от загрязнения окружающей природной среды.



Рис. 2. Блок-схема алгоритма нахождения оптимальной структуры производства продукции, с учетом требований к окружающей среде

Переходим к выявлению структуры модели, согласно первому направлению, т.е. достижение требуемых стандартов окружающей природной среды. Искомый алгоритм нахождения оптимальной структуры производства продукции с учетом требований к окружающей среды состоит из итерационной последовательности этапов (рис.2).

Первый этап. Назначение этапа состоит в нахождении оптимальной структуры производства без учета требований, предусмотренных природоохранными мероприятиями. На этапе выявляется номенклатура производства с максимальным эффектом от реализации продукции. Также определяются технологические способы производства и соответствующие производственные издержки. Первый этап представлен блоком 1.

Второй этап. Назначение этапа заключается в расчете объема выбрасываемых вредных веществ, исходя из рассчитанной структуры производства, полученной на первом этапе. Блок 2.

Проводится сравнительный анализ соответствия полученного объема выбрасываемых вредных веществ и установленных стандартов окружающей природной среды. Если требуемые стандарты выполняются, то итерационная процедура считается законченной. Сравнительный анализ осуществляется блоком 3.

В случае превышения требуемых стандартов, в модели первого этапа вводятся заданный уровень ограничений на выбросы загрязняющих веществ. То есть с помощью блока 4 устанавливается соответствующие корректирующие ограничения.

Далее, проводится расчет с введеннымикорректирующими ограничениями. Если требуемые стандарты, приданном ограничении выполняется, то, также итерационная процедура считается законченной и переход на блок 5. В случае невыполнения требуемых стандартов, соответствующий заданный уровень ограничений увеличивается на определенную величину и переход в итерационной последовательности на блок 4.

Таким образом, итерационный процесс продолжается до нахождения номенклатуры производимой продукции, при которой достигается такой объем выбрасываемых вредных веществ, который соответствует установленными стандартами окружающей природной среды, согласно предельно-допустимых концентраций загрязняющих веществ [6, С.217-221].

Переходим к выявлению структуры модели, согласно второму направлению, то есть достижение уровня качества окружающей природной среды в соответствии с экономическим оптимумом загрязнения.

Для формализации модели определим структуру целевой функции.

Целевая функция, в данном случае, приставляет собой следующее выражение:

$$\boldsymbol{Z(Q) \Rightarrow \max_{Q}\{F(Q) - U(Q)\},} \quad (3)$$

При соответствующих ограничениях на используемые ресурсы и неотрицательность переменных. Расчеты по данной модели определят объем выпускаемой продукции и уровень качества окружающей природной среды в соответствии с экономическим оптимумом загрязнения.

Нахождение решениязадачи развития промышленного производства с учетом экологических ограничений, в современных условиях является достаточно сложной и требующей обработки

большого массива информационных данных. Это обусловливает переход к реалиям цифровой экономике, гдеважное направление занимает информационное моделирование, что в конечном итоге обуславливает необходимость перехода на цифровизацию в промышленности. Такое направление соответствует поставленным перспективам развития национальной экономики, которые принятыв «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (НСР-2030)», где определен индустриально-инновационный путь развития страны.

Применение методологии цифровой экономики в промышленности будет способствовать, по нашему мнению, опережающему развития этой определяющей отрасли экономики в Республике Таджикистан.

Одним из направлений перехода на цифровизацию в промышленности является применение интеллектуальной производственной системы или SMS (Smart Manufacturing Systems), которую можно считать развитием автоматизированных систем управления технологическими процессами. (АСУТП). Отсюда следует, что цель применения SMS состоит в достижении устойчивой конкурентоспособности промышленного производства. Сложность решения задачи возрастает, в случае учета экологических требований, что, обуславливает значительное увеличение объемаиспользуемых информационных массивов, и, соответственно объем проводимых вычислений.

В этой связи, применение интеллектуальных производственных системдаст возможность использовать передовые технологии, способствующие цифровизации производственных систем.

Для создания условий перехода на цифровизацию в промышленности, необходимо учитывать те критерии, которые дают направление эффективного внедрение и реализация самой системы. В частности, ктаким критериям можноотнести надежность, эффективность, динамичность.

Исходя из вышеизложенного, можно сделать вывод, что цифровая экономика является эффективным инструментов и основой для достижения высоких темпов экономического роста. Следует отметить, что для условий Республики Таджикистан важно своевременно создать условия для преобразования экономики, на основе использования современного технологического и интеллектуального потенциала.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдрахманова Г.И., Гохберг Л.М., Кевеш М.А. и др. Индикаторы цифровой экономики: 2017. / статистический сборник. – М.: НИУВШЭ, 2017. – 320 с.
2. Lu Y., Morris K. C., Frechette S. Current Standards Landscape for Smart Manufacturing Systems. – 2016. [7] OAGi/NIST Workshop on Open Cloud Architecture for Smart Manufacturing http://nvlpubs.nist.gov/nistpubs /ir/2016/NIST.IR.8124.pdf Retrieved: Dec, 2016.P.25.
3. КуприяновскийВ.П., НамиотД.Е., СиняговС.А.Киберфизические системы как основа цифровой экономики //International Journal of Open Information Technologies. – 2016. – Т.4.- №. 2. – С. 18-25.
4. Меденников В.И. Принципы формирования единой цифровой платформы страны.//Цифровая экономика, 2018, №4., С. 31-37.
5. Скруг В.С. Трансформация промышленности в цифровой экономике: проблемы и перспективы // Креативная экономика. – 2018. – Том 12. – № 7. – С.943-952. doi:10.18334/ce.12.7.39208
6. Хамидова И.С. Моделирование совместного развития промышленного и сельскохозяйственного производства с учетом экологического фактора // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир»//. - Душанбе, 2017 №3(53). С.217-221

REFERENCES

1. Abdurahmonova G.I., Hokhberg L.M., Kevesh M.A. etc.Digital Economy Indicators: 2017 . / statistical collection.-M.: NIU HSE, 2017.-320 p.
2. Lu Y., Morris K. C., Frechette S. Current Standards Landscape for Smart Manufacturing Systems. – 2016. [7] OAGi/NIST Workshop on Open Cloud Architecture for Smart Manufacturing http://nvlpubs.nist.gov/nistpubs /ir/2016/NIST.IR.8124.pdf Retrieved: Dec, 2016.P.25
3. Kupriyanovsky V. P., Namiot D.E., Sinyagov S.A. Cyberphysical systems as the basis of the digital economy // International Journal of Open InformationTechnologies. - 2016. – T . 4. – №. 2. – p. 18-25.
4. Medennikov V.I. The principles digital platform formation the commeu of the country.// Digital economy, 2018, №4.,p. 31-37.
5. Skrug V.S. Transformation of industry in the digital economy : Problems and Prospects // Creative economy. – 2018 – Tom 12. – № 7. – p.943-952. doi:10.18334/ce.12.7.39208
6. Khamidova I.S Modeling of the joint development of industrial and agricultural productiontaking into account the environmental factor // Bulletin of the for strategic studies under thePresident of the Republic «of Tajikistan and the Modern world»//. -Dushanbe , 2017 №3(53). p.217-221

УДК-338
ББК-65,9(5Т) 30-2

ОИД БА СУОЛИ ТАБДИЛДИҲИИ МУНОСИБАТҲОИ АМВОЛӢ ДАР САНОАТИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ

Мадаминова Нигина Тимуровна- *самуаллимаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити факултети молия ва иқтисодиёти бозори МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», e-mail:nigina-m1986@mail.ru;*
Почоева Матлюба Абдумановна- *ассистенти кафедраи менеҷменти факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон, e-mail: matlyuba9595@mail.ru*
Аскарова Санавабархон Султонхӯҷаевна- *магистранти бахши 2-юми шӯъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25.01.04-02 «Кори бонкӣ» Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, кӯчаи Мавлонбеков №1. ш.Хуҷанд, вилояти Сугди Ҷумҳурии Тоҷикистон e-mail:sanam85@mail.ru*

К ВОПРОСУ ТРАНСФОРМАЦИИ ОТНОШЕНИЙ СОБСТВЕННОСТИ В ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Мадаминова Нигина Тимуровна-*старший преподаватель кафедры бухгалтерский учёт и аудит факультета финансы и экономика рынка ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова», e-mail:nigina-m1986@mail.ru;*
Почоева Матлюба Абдумановна- *ассистент кафедры менеджмента факультета коммерции, таможенное дело и право Института Экономики и Торговли Таджикского государственного универ-ситета коммерции, e-mail: matlyuba9595@mail.ru*
Аскарова Санавбархон Султонходжаевна- *магистрант 2- курса по специальности «Банковское дело» ХГУ им. акад. Б. Гафурова (Таджикистан, г. Худжанд), e-mailsanam85@mail.ru*

ON THE ISSUE OF TRANSFORMATION OF PROPERTY RELATIONS IN THE INDUSTRY OF THE REGIONAL ECONOMY

Madaminova Nigina Timurovna- *Senior Lecturer, Department of Accounting and Audit, State Educational Institution KSU named after academician B. Gafurov, e-mail:nigina-m1986@mail.ru;*
Pochoeva Matluba Abdumanonovna- *Assistant, Department of Management, Faculty of Commerce, Customs and Law, Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, e-mail:matlyuba9595@mail.ru*

Askarova Sanavbarhon Sultonhodzhaeva-
*magistrant of the 2-st year of the economics of Khujand State University (Khujand Tajikistan), e-mail*sanam85@mail.ru

Вожаҳои калидӣ: *трансформатсия, шакли моликият, минтақа, саноат*

Дар мақола раванди таҳаввулоти муносибатҳои амволӣ дар соҳаи иқтисодиёти минтақа баррасӣ шудааст. Тағйирёбии муносибатҳои моликият ва фаъолияти шаклҳои гуногуни моликият дар соҳаи иқтисодиёти вилояти Суғд ва барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти минтақа оварда мерасонад ва тамоюли рушди устувори ҳам маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва тамоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро муайян менамояд. Афзоиши вуруди сармояи озоди соҳибкорӣ ба бозори меҳнати соҳаи вилояти Суғд мебошад. Аз нуқтаи назари суръати афзоиши миқдори миёнаи солонаи коргарон ва хизматчиён мавқеи пешоҳангро корхонаҳо ва ташкилотҳои саноатӣ дар бахши хусусӣ ишғол мекунанд.

Ключевые слова: *трансформация, формы собственности, регион, промышленность*

3. Низко концентрированные страховые рынки (при CR3 < 45 %; HHI < 1000). На этом рынке степень монополизации очень низкая, рынки с развитой конкуренцией, на рынке отсутствуют субъекты, которые занимают доминирующие или монопольное положение.

Таким образом, на основании показателей рыночной концентрации, можно сделать, предварительную оценку степени монополизации рынка, неравномерности действующих субъектов рынка. Нами составлено расчеты этих показателей, данные приведены в таблице № 1.

Таблица № 1.Показатели уровня концентрации страхового рынка Таджикистана за 2018 год

Показатели	Объем страховой премии(тыс.дол.США.)
Компания 1	8151,9
Компания 2	7285,2
Компания 3	2037,8
Общая сумма страховых премий	23420,3
КоэффициентконцентрацииCR3 (в %)	74,6%

*Составлено авторами

Чтобы точно определить, состояние рыка, используем другой показатель, потому что, коэффициент концентрации, характеризует только более крупные страховые компании, в этом и заключается его недостаток, а показатель оценки степени монополизации, или иначе он называется, коэффициент Херфиндаля — Хиршмана, более достоверно, определяет уровень конкуренции. Этот коэффициент определяется по формуле:

$$HHI = (S_1 + S_2 + ... + S_n)^2,$$

где S_1 и S_2 — доля объема услуг компании, возведенная в квадрат.

Показатель, определяющийся по формуле, должен находится в диапазоне между 1 и 10 000. Показатель 10000 означает полную монополизацию сектора экономики, одной компанией. По коэффициенту Херфиндаля — Хиршмана, этот показатель составляет 2360.

На основании вышеизложенного, можно сделать вывод, что на страховом рынке Таджикистана, коэффициент концентрации (CR3) составляет **74,6%**, (то есть больше 70%), а HHI– **2000 < 2360 < 10 000.** поэтому, этот рынок относится к первой группе рынков, то есть, высококонцентрированный страховой рынок, где полностью отсутствует конкуренция. На этом рынке страхования 2 или 3 страховые компании доминируют, или имеют монопольное положение на рынке. Отсюда можно делать вывод, о том, что при решении этих проблем, рынок страхования будет развиваться, увеличиться количество заключенных договоров, по всем видам страхования, и соответственно объем страховой премии в целом.

ЛИТЕРАТУРА

1. Страхование: учеб. / С.-Петерб. гос. ун-т экономики и финансов, Фин. акад. при Правительстве РФ: ред. Л. А. Орланюк-Малицкая, С. Ю. Янова. Москва: Юрайт, 2010. 828 с.
2. Рейтман Л.И. Страховое дело: Учебник. - М.: Банковский и биржевой научно-консультационный центр, 2010. - 524 с.
3. Шахов В.В. Введение в страхование: экономический аспект. - М.: Финансы и статистика, 2011. - 192 с.
4. Юлдашев Р.Т. Организационно - экономические основы страхового бизнеса. М: Анкил 2002 с.247.
5. Страховое дело: Учебное пособие. Под ред. М.А.Зайцевой, Л.Н.Литвиновой.- Минск:2018.-286с.

REFERENCES

1. Insurance: studies. / S.-Peterb. state University of Economics and Finance, fin. Acad. under the government of the Russian Federation: ed. Moscow: Yurayt, 2010. 828 PP.
2. Reitman L. I. Insurance business: Textbook. - Moscow: Banking and exchange research and consulting center, 2010. - 524 c.
3. Shakhov V. V. Introduction to insurance: the economic aspect. - Moscow: Finance and statistics, 2011. - 192 c.
4. Yuldashev R. T. Organizational and economic bases of insurance business. M: Ankil 2002 p. 247.
5. Insurance business: Tutorial. Edited by M. A. Zaitseva, L. N. Litvinova.- Minsk: 2018.- 286c.

08.00.12 - Баҳисобгирӣ, омор
08.00.12 - Бухгалтерский учет, статистика
08.00.12 - Accounting, statistics

ББК-65.052
УДК-33.07

БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТ МУВОФИҚИ СБҲМ ДАР СЕКТОРИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Барфиев Қобилҷон Хушвахтович–– *доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи таҳлил ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, e-mail:kobil_barfiev@mail.ru*
Ҳасанова Нигора Ҷамоловна- *муаллимаи кафедраи молия ва қарз МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Гафуров» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail:sssr-8186@mail.ru*

БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЕТ И ОТЧЕТНОСТИ В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ОСНОВЕ МСФО

Барфиев Кобилджон Хушвахтович- *доктор экономических наук, доцент кафедры теории анализа и аудита Таджикского Национального университета, e-mail:kobil_barfiev@mail.ru*
Хасанова Нигора Джамоловна-*преподаватель кафедры финансы и кредит ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», e-mail: sssr-8186@mail.ru*

ACCOUNTING AND REPORTING IMPROVEMENTS IN AGRARIAN SECTOR OF ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN BASES ON IFRS

Barfiev Kobiljon Khushvakhtovich- *Doctor of Economics, Associate Professor of the Theory of Analysis and Audit Department of the Tajik National University*
Khasanova Nigora Dzhamolovna-*Lecturer, Department of Finance and Credit, State Educational Institution "Khujand State University named after Academician B. Gafurov" sssr-8186@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *бахши кишоварзӣ, стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, хоҷагии қишлоқ, дороиҳои биологӣ*

Дар мақола дар асоси таҳқиқот роҳҳои тартибдиҳии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ мутобиқи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши кишоварзӣ пешниҳод шудааст. Нуктаи муҳим дар мундариҷаи мақолаи илмӣ ин хулоса ва пешниҳодҳо оид ба муаммоҳо ва такмилдиҳии баҳисобгирии молиявӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ключевые слова: *аграрный сектор, международные стандарты финансовой отчетности,система бухгалтерского учета, управленческий учет, сельскохозяйственная продукция, сельское хозяйство, биологические активы*

Предложены пути составления учета и отчетности в соответствие с требованиями МСФО в аграрном секторе экономики. Важным моментом исследования являются выводы и предложения по проблеме совершенствования финансового учета и отчетности в сельскохозяйственных предприятиях Республики Таджикистан.

Key words: *agrarian sector, standards of financial statements, accounting system, management accounting, agricultural production, agriculture, biological assets*

.

Based on the research, this article suggests ways of preparing accounting and reporting in accordance with the requirements of IFRS in the agricultural sector of the economy. An important point in the content of the scientific article is the conclusions and suggestions on the problem and improving financial accounting and reporting in agricultural enterprises of the Republic of Tajikistan.

Маҷмаи агросаноатӣ қисми муҳим ва махсуси хоҷагии халқи мамлакат ба ҳисоб меравад, ки бе он таъмин намудани аҳолӣ бо озуқа ва дигар соҳаҳои алоҳидаи комплекси агросаноатиро бо ашёи хом имкон надорад.

Қисми таркибии он хоҷагии кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Ин маҷмӯи соҳаҳоеро дарбар мегирад, ки дорои хусусияти бахуд хос буда ба соҳаи коркарди замин ва истеҳсоли маводи озуқа вобаста аст.

Ҳамчун соҳаи истеҳсоли моддӣ, хоҷагии кишоварзӣ аз дигар соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии халқ бо воситаҳои истеҳсолот, малакаи истеҳсолии коргарон ва хусусияти маҳсулоти истеҳсолшаванда фарқ мекунад.

Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ ва низоми ҳисоботдиҳӣ талаботро пешниҳод менамоянд, ки муҳимтарини онҳо ин эътироф ва баҳодиҳии ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд. Хусусияти ҳисобгирӣ дар ширкатҳои сектори аграрии иқтисодиёт ин истифодабарии сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ мебошад, аз он ҷумла ёрии моддии давлатӣ, воситаҳои минтақавии барномаҳои давлатӣ, фондҳои ёридиҳанда ва ғайра мебошанд. [4.С.51]

Аз нуқтаи назари консептуалӣ тағйирот дар тараққиёти ҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар хоҷагиҳои сектори аграрӣ ин ба тақвияти ояндаи муносибатҳои бозории интегратсияи миллӣ ва байналхалқии субъектҳои иқтисодӣ, ёрии давлатии рушди минтақаҳои деҳот, ки бехатарии озуқавории Тоҷикистонро бо санадҳои меъёрии қонунӣ таъмин менамояд, алоқаманд аст. Ҳалли ин масъалаҳо асоси объективии истифодабарии ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот ба шумор рафта, асоси идоракунии ҷараёни истеҳсолот ва идоракуниро ташкил менамояд. Ин аз навкоркард намудани даврaҳои илмии назариявӣ ва методологии ояндаи ҳисобгирии молиявӣ ва ҳисоботро дар муассисаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд. Натиҷаҳои онҳо ба нақши бузурги ҳисоботи муҳосибӣ ва ҳисобот дар идоракунии истеҳсолоти аграрӣ мусоидат мекунад, ки он маълумоти заруриро барои ҳалли масъалаҳои муҳим, сатҳи истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ ва баланд бардории самаранокии иқтисодӣ пешниҳод мекунад.

Масъалаи асосӣ дар идоракунии ширкатҳои сектори аграрӣ ин татбиқи низоми ҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки ба ҳисобгирии захираҳоро дар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, аз нав коркарди истеҳсолоти маҳсулоти хӯрокаро аз рӯи даврaҳои истеҳсолии бизнес- ҷараён ба роҳ мемонад. Ҷузъиётҳои методии ҳисобгирии идоравӣ ба ташкилотҳои сектори аграрии иқтисодиёт ҳоло ҳам ба омӯзиш ва тараққиёти амиқ эҳтиёҷ дорад.

Мувофиқатии маълумотҳои ҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракуниро бо нишондиҳандаҳои тараққиёти сегментҳои ширкатҳозери таъсири андоз ва нархи фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ барои тараққиёти ҳисоботи ташкилот истифода бурдан зарур аст. Ҳисоботи муҳосибии ташкилотҳои сектори аграрии иқтисодиёт талаботи истифодабарандагонро бояд қонеъ гардонад. Бинобар ин такмил ва мувофиқгардонии он ба талаботҳои стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) амри зарурӣ аст [3. С.33]

Бо дараҷаи мутобиқшавии молистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ ба шароити бозор, нақши ҳисобгирии муҳосибӣ калон аст. [1. С.68] Ин ҳолат ба секторҳои тиҷоратии калон ҳаҷм, холдингҳо ва кластерҳо хос аст, чунки онҳо таҷрибаи қабулшудаи умумии пеш бурдани ҳисобгирии молиявӣ ва идоракунии бой доранд ва ташкили ҳисобгирии муттаҳид кардашуда аз нуқтаи назари илмӣ, воқеан дар чунин ширкатҳо зарур ҳисобида мешавад. Мутассифона чунин шаклҳои ташкилшавӣ дар сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар намерасад. Дар баробари он зарур шуморидан лозим аст, ки барои ҳамаи ташкилотҳои хурди хоҷагии қишлоқ, ки сармояи хусусии онҳо бевосита ва аз ҳисоби воситаҳои худӣ ва такрористеҳсоли худӣ бе ҷалби сармоягузорони берунӣ ташаккул меёбанд дар муҳлати миёна, дар баъзе ҳолатҳо барои давраи стратегӣ муҳим шуморида мешавад. Низоми ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот, ки маъмулан мавриди истифода аст, дар инъикоси баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии ҳолати молиявии хоҷагидории ширкатҳои сектори аграрӣ оҷиз аст, аз ин ру ин низом бояд такмил дода шавад.

Бо назардошти ақидаҳои дар боло номбаршуда самтҳои асосии тараққиёти ҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагии қишлоқ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.Самтҳои асосии тараққиёти ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар комплекси (маҷмааи) агросаноатӣ

Самти тараққиёт	Мундариҷа
Методологии ҷудошавии намудҳои ҳисобгирӣ	Тайёрнамоии стандартҳо мувофиқ ва дастурҳои методӣ
Муқоиса ва ташкили ояндаи ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобгирии андоз	Коркарди стандартҳо оид ба баҳисобгирии андозҳо дар ҳисобгири муҳосибӣ
Аз навташкилнамои ҳисоботи муҳосибӣ дар мувофиқа бо қоидаҳои СБҲМ	Тайёрнамои стандартҳо ва тавсияҳои методӣ оид ба ҳисобгирӣ дар мувофиқа бо СБҲМ дар хоҷагии қишлоқ
Ташкили низоми захиравӣ	Коркарди стандарти соҳавӣ, ки таваккалиро истисно менамояд, камшавии дороиҳо ва уҳдадориҳоро таъмин менамояд
Соддакунии ҷараёни ҳисоботдиҳӣ ва ихтисори шаклҳои ҳисоботи молиявӣ	Камнамои ҳаҷм ва сифати шаклҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва дигар ҳисоботе, ки дар асоси онҳо бояд маълумоти аввалаи муҳосибӣ бошад
Ҷудонамои ҳаҷми ҳисоботи муҳосибӣ вобаста ба шаклҳои ташкили-ҳуқуқӣ ва ҳаҷми маълумоти ҳисобгирӣ	Муайяннамоии ҳаҷм ва ташкили ҳисоботи пешбарандавӣ, намунавӣ, содда ва кӯтоҳ
Баланднамои сифати ҳисоботи инфиродии муҳосибӣ	Дар тартиб додани ҳисобот, таъмин намудани риояи қоидаҳо ва стандартҳои байналхалқӣ, ки қонеъгардонии талаботи истифодабарандагонро таъмин мегардонад
Хотимаи тартиб додани ҳисоботи ҷамъбастии инфиродии ташкилоти тиҷоратӣ дар хоҷагии қишлоқ	Барои тартиб додани чунин ҳисобот асос нест, ки он воқеият надорад
Коркарди тавсияҳо ки тартиб додани ҳисоботро тавсия менамоянд. -муттаҳидӣ; - аз навсозии ташкилот; - муфлисшавӣ; - бозмондани фаъолият; -сегментӣ (дохилӣ ва берунӣ)	Муайянкунии шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, дар секторҳои аграрӣ ҳаҷм ва мундариҷаи онҳо

Сарчашма: коркарди муаллифон

Низоми такмили ҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагии қишлоқ, ки дар қоидаҳо ва қарорҳои қабулшудаи умумӣ дарҷ ёфтаанд ва дар СБҲМ ва қисман дар низомномаҳо мавҷуданд, таҳлили чуқурро талаб мекунад, чунки ҳангоми шарҳдиҳии қоидаҳо фарқиятҳо дида мешаванд, ки онҳоро ба се гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) тавсияҳои сифатии маълумоти ҳисобгирӣ, ки дар ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) ҷамъбаст мешаванд;

б) қоидаҳои ташкили маълумоти ҳисобгирӣ (таснифоти молу амвол, қайднамоӣ, ченаки пулӣ, фаъолиятӣ, муттасил ва ғайраҳо);

в) қоидаҳои бурдани ҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ (баҳисобгирӣ, арзиши таърихӣ, махфиятнокӣ, даромад ва хароҷотҳо).

Гуруҳи сеюми қоидаи арзиши ҳақиқӣ дар консепсияи СБҲМ навишташуда асоснок гардидааст. Пешрафти тараққиёти ҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳа, наздик намудани он ба таҷрибаи ҷаҳонии ҳисобгирӣ сайқал мешаванд. Дар базаи низомномаҳои консептуалӣ мувофиқ ба СБҲМ ташкил намудани методологияи комил ва ғайриихтилофи ҳисоботи муҳосибӣ бо сохтори батартибдаровардашуда ва аз ҷиҳати танзимкардашуда меъёри он, ки ҷанбаҳои соҳаҳоро инъикос менамояд, зарур аст.

Новобаста аз он ки қоидаҳои ҳисобгирии муҳосибӣ ба талаботи СБҲМ мувофиқ гардонида шудааст ҳоло ҳам мушкилот оид ба номувофиқ будани он ба талаботи хоҷагидорон, хусусияти соҳа, стратегияи рушди соҳаи аграрӣ рағбати саҳмдории ватанию хориҷӣ ҷой дорад.

Иттилоот оид ба ташкили ҳисобгирӣ дар сектори аграрии дар СБҲМ 41 «Хоҷагии қишлоқ» пешниҳод карда шудааст, ки ҷанбаъҳои зеринро дар бар мегирад:

- стандарт дар ҳаҷми пурра аз ҷониби ширкатҳо вобаста ба сиёсати ҳисобгириашон истифода бурда мешавад;
- низомномаҳои стандарт дар ҳаҷми пурра аз ҷониби ширкатҳое истифода бурда мешавад, ки саҳмияҳои онҳо дар биржаҳои фондии ҷаҳонӣ гардиш мекунанд;
- низомномаҳои стандарт дар ҳаҷми пурра ташкилҳо ҳангоми тартибдиҳии ҳисобот дар санаи муайян бо назардошти баҳодиҳии амвол, даромад, хароҷот ва натиҷаҳои молиявии ширкат истифода бурда мешавад [2. С.168].

Чунин усул ҳамчун асоси ҷудокунии гурӯҳи ширкатҳои аз ҷиҳати ташкили ҳуқуқӣ истифода бурда шудааст.

Таркибҳои асосӣ ва объектҳои ҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагии қишлоқ инҳоянд: дороиҳои асосӣ, дороиҳои моддӣ, дороиҳои биологӣ, дороиҳои ғайриистеҳсолӣ, захираҳо, хароҷотҳо ба истеҳсолот, ӯҳдадориҳо, сармоя. Зарурияти ҷудонамоии захираҳои баҳодиҳанда ба сифати объектҳои дар ҳисобот инъикосёбанда асоснок шудааст. Таҳлили таҷрибаи ҳисобгирӣ дар хоҷагии қишлоқ, ки маҳдудияти низоми захиравиро тасдиқ мекунад, ба сифати асос барои пешниҳоди ташкилнамоии низоми захиравии нигоҳдоранда ва муттаҳидкардашудаи молиявӣ баромад мекунад, истифода шудааст.

Низоми коркардашудаи захираҳо барои ташкилотҳои сектори аграрии иқтисодиёт пешниҳод шудааст (расми 1).



Расми 1. Низоми ташкилдиҳандаи захираҳои сектори аграрии иқтисодиёт

Дар раванди омӯзиш як қатор фикру мулоҳизаҳо ба вуҷуд омаданд, ки метавон онҳоро бо натиҷа ва пешниҳодоти зерин ҷамъбаст намуд:

- шароитҳои назария ва амалияи ҳисобгирии муҳосибӣ дар сектори аграрии иқтисодиёт бо таъсири хусусиятҳои соҳавӣ исбот карда шуд;
- самтҳои тараққиёти назарияи ҳисобгирии муҳосибию қоидаҳои ҳисоботдиҳӣ муайян гардид, ва имконниятҳои истифодабарии онҳо барои баландбардории маълумоти таҳлилӣ ва дурустии ахборотҳои баҳисобгирӣ асоснок карда шуд;

- самтҳои такмили ҳисобот, ки ба талаботҳои стандартҳои байналмиллалӣ ва масъалаҳои тараққиёти стратегии ташкили сектори аграрии иқтисодиёт ҷавобгӯй мебошад, муайян карда шуд;

- мундариҷаи қоидаҳо ва хусусиятҳои эътирофи объектҳои махсус дар ҳисобгирии муҳосибии ташкилотҳои сектори аграрии иқтисодиёт дақиқ муайян карда шуд;

- ташкили баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар ташкилотҳои сектори аграрии иқтисодиёт такмилу таҷдидро талаб менамоянд.

- методикаи ҷамъсозии объектҳои ҳисобгирӣ ва инъикоси онҳо дар ҳисоботи сохторҳои ивазшуда дар мувофиқа бо СБҲМ пешниҳод карда шуд.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х., Собиров Н.М. Совершенствование бухгалтерского учета и отчетности в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан на основе МСФО. /К.Х. Барфиев, Н.М. Собиров//Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук №2/2 (107), 2013 г. С.33. ISSN: 2413-5151.
2. Бабаев Ю.А., Международный стандарт финансовой отчетности (МСФО). М.: Вузовский учебник: ИНФРА-2018.398 с.
3. Дятлова А.Ф. Учет и отчетность организации аграрного сектора экономики: теория и методология: Монография. /А.Ф.Дятлова// – Йошкар-Ола: ООО «Стринг», 2011г. С. 68.
4. Палий В.Ф. Международные стандарты учета и финансовой отчетности: Учебник. - М.: ИНФРА-М, 2011. - 512 с.
5. Костин С. Международные стандарты финансовой отчетности в сельском хозяйстве // МСФО: практика применения. - 2007. - № 6. - С. 14-16.
6. Международный стандарт финансовой отчетности (IAS) 41 «Сельское хозяйство». 2003 г. С. 186.
7. Широбоков В.Г. Проблемы трансформации отчетности по МСФО в аграрном секторе / В.Г. Широбоков, Р.С. Провоторов // Международный бухгалтерский учет. - № 2 (134), 2010

REFERENCES

1. Barfiev K.Kh., Sobirov N.M. Improving accounting and reporting in the agricultural sector of the economy of the Republic of Tajikistan on the basis of IFRS. /K.H. Barfiev, N.M. Sobirov // Bulletin of the Tajik National University. A series of socio-economic and social sciences No. 2/2 (107), 2013. S.33. ISSN: 2413-5151.
2. Babaev Yu.A., International Standard for Financial Reporting (IFRS). M.: High school textbook: INFRA-2018.398 p.
3. Dyatlova A.F. Accounting and reporting of the organization of the agricultural sector of the economy: theory and methodology: Monograph. / A.F. Dyatlova // - Yoshkar-Ola: String LLC, 2011 S. 68.
4. Paly V.F. International Accounting and Financial Reporting Standards: A Textbook. - M.: INFRA-M, 2011 .-- 512 s.
5. Kostin S. International standards for financial reporting in agriculture // IFRS: application practice. - 2007. - No. 6. - S. 14-16.
6. International Financial Reporting Standard (IAS) 41 “Agriculture”. 2003, p. 186.
7. Shirobokov V.G. Problems of transformation of IFRS reporting in the agricultural sector / V.G. Shirobokov, R.S. Provotorov // International Accounting. - No. 2 (134), 2010

08.00.13 - Усулҳои математикӣ ва инструменталии иқтисодиёт
08.00.13 - Математические и инструментальные методы экономики
08.00.13 - Mathematical and instrumental methods of economics

УДК 338+51+338.3
ББК 65.050.9(2)2

ОБОСНОВАНИЕ РАЗМЕРНОСТИ ВЛОЖЕНИЯ И ЧИСЛА БЛИЖАЙШИХ СОСЕДЕЙ АЛГОРИТМА *k-NN*

Шарипова Мухбира Мухторовна *– преподаватель кафедры информационной технологии в экономике Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», e-mail:mukhbira.sharipova.1984@mail.ru*

ИСТИФОДАИ НИЗОМИ САРМОЯГУЗОР ВА ТЕЪДОДИ ҲАМСОЯҲОИ НАЗДИКИ *k-NN* АЛГОРИТМ

Шарипова Мухбира Мухторовна *- муаллимаи кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, Муассисаи давлатии таълимӣ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров", e-mail: mukhbira.sharipova.1984@mail.ru*

SUBSTANTIATION OF THE DIMENSION OF THE INVESTMENT AND THE NUMBER OF NEAREST NEIGHBORS OF THE *k-NN* ALGORITHM

Sharipova Mukhbira Mukhtorovna *- Lecturer at the Department of Information Technology in Economics, State Educational Institution of «Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov», e-mail:mukhbira.sharipova.1984@mail.ru*

Ключевые слова: *прогнозирование валютных курсов, математическое моделирование, ближайшие алгоритмы, евклидовое расстояние, Махаланобиса расстояние, абсолютная процентная ошибка*

Точность прогнозирования сравнивалась с использованием всех мер ошибок, путем изменения величины t наряду с изменением функции расстояния.

Вожаҳои калидӣ: *пешгӯиҳои қурби асъор, моделҳои математикӣ, наздиктарин алгоритмиҳо, масофаи евклидӣ, масофаи Махаланобис, хатогии мутлақ*

Дурустии пешгӯии муқоисавӣ, ки бо истифода аз ҳамаи чораҳои хато, бо роҳи тағйир додани миқдори t дар баробари тағйир додани хусусиятҳои масофавӣ.

Key words:*exchange rate forecasting, mathematical modeling, nearest algorithms, Euclidean distance, Mahalanobis distance, absolute percentage error.*

The accuracy of the prediction was compared using all error measures by varying the value of t along with changing the distance function.

Размер вложения *m*и число ближайших соседей *k* в алгоритме прогнозирования курса валюты имеют большое значение. В данной статье осуществляется обоснование выбора параметров алгоритма прогнозирования.

В качестве исследования были выбраны реальные курсы евро (EUR), рубль (RUB), узбекский сом (UZS), таджикский сомони (TJS) и китайский юань (CNY) по отношению к американскому доллару (USD), полученные из наборов статистических данных ProQuest. Это ежедневные статистические данные с января 2017 по декабрь 2018 г. Чтобы сделать сравнение более эффективным, мы рассмотрели 1250 данных из каждой валюты и приняли 1000 значений данных в нашей исследуемой выборке. Остальные 250 значений были рассмотрены в качестве

испытуемых образцов. Коэффициенты модели были обновлены каждый раз, когда поступала новая информация.

Выбор размерности вложения *m* для временного ряда является ключевым вопросом, необходимо рассмотреть это до принятия торговых решений. Поэтому, сначала мы провели эмпирическое исследование, чтобы найти оптимальные значения *m*. В эмпирическом исследовании мы хотели выяснить, является ли выбор *m* зависимым от данных и от выбранной меры расстояния. Таким образом, точность прогнозирования сравнивали с использованием всех мер ошибок, как *U*-статистики, среднеквадратичное отклонение (*СКО),* и абсолютная процентная ошибка (САПО), нормированная среднеквадратичная ошибка корня (НСКО), путем изменения величины *t* наряду с изменением функции расстояния. 80% данных рассматривался как исследуемой набор, а остальные 20% были приняты в качестве тестового набора. Величина *k* была установлена на уровне 2% от исследуемой выборки для данного этапа работы. Размер окна исследования сохранялся неизменным, удалив дальнее значение данных на каждом временном шаге.

Подсчитывались значения *U*-статистики для различной размерности вложения *m* с расстоянием Махаланобиса. Начали с *m = 3* и увеличивали значение *m* до 6. Как показывает исследование увеличения значения *m* не улучшило точность модели. Это ясно указывает на то, что для почти всех наборов данных, размерности вложения *m = 3*, дает минимальную ошибку в соответствии с *U*-статистики. Величина *U*-статистики при *m = 6* немного меньше, чем у *m = 5*для курсов TJS/USD, однако не самая маленькая. Кроме того, в случае данных RUB/USD, *U*-статистики слегка падает, когда *m* изменяется от 4 до 5, но по-прежнему *m* = 3 дал минимум, т. е. является лучшим результатом.

Мы сделали выводы не только по показаниям *U*-статистики. Протестировали все пять валют со средней квадратичной ошибкой, средней абсолютной процентной ошибкой и нормированной среднеквадратичной ошибкой. Все вычисления погрешности показывают *m = 3* в качестве оптимального варианта, лучшего прогноза.

Почти все наборы данных согласуются с заключением *m = 3,* как оптимального размера вложения. Нам удалось получить аналогичные результаты путем сравнения среднего квадратичного отклонения со средней абсолютной процентной ошибкой.

Является существенным исследование влияние числа ближайших соседей (*k*) на процедуру прогнозирования, более чем выбор меры расстояния. При прогнозировании на основе выборки данных, не существует единой директивы для выбора размера окрестностей, числа ближайших соседей [2]. Специально для финансовых данных, используемые подходы были разнообразны. Таким образом, часто бывает трудно придумать уникальный метод [1]. Заслуживает внимание подход, используемый в работе алгоритма Касадагли [2].

В данной работе оптимальное значение *k* было определено эмпирически, путем тестирования алгоритма для нескольких значений *k* между *2(m + 1)*и *T− (m− 1)*. Этот подход заключается к сведению минимуму значения нормированной среднеквадратичной ошибки, изменив значение *k*. Также изменяли размерность вложения *m* и изучали поведение нормированной средней квадратичной ошибки корня (НСКОК) как функцию *k*. В качестве меры расстояния было выбрано евклидовое расстояние.

В нашем исследовании в выборе размера окрестностей *k*, после сравнения мы не только опирались на результаты НСКОК, но и проверили все меры точности.

Мы не ограничивали наш выбор только евклидовым расстоянием. Мы протестировали данные для *k (к>m + 1)* с использованием расстояния Махаланобиса, евклидового и абсолютного расстояний. Кроме того, этот метод был применен ко всем выбранным пяти валютам, прежде чем выбрать соответствующее значение *k* для дальнейшего анализа.

Несмотря на то, что численные значения колебались пренебрежительно, все наборы данных вели себя точно так же, что и изменения. Мы начали с *k = 5*, так как *k* должно быть больше, чем *m + 1*. В нашем случае *m = 3,* следовательно*, k= y*. После этого, даже если ошибка прогнозирования снижается, разница гораздо меньше. В частности, после того, как *k = 20*, изменения незначительны. Мы считаем нецелесообразным еще больше увеличить *k*. Кроме того, метод *k-NN* представляет собой метод сжатия данных, чем больше значения *k,* тем больше он не оправдывает своей главной цели. С другой стороны, значительно большее значение *k* может даже привести к выбору соседей, которые не очень эффективны для прогнозирования.

С целью поиска оптимального выбора *k* рассматривались различные вариантами *m*. Мы рассматривали *m* равное *4, 5* и *6* и сравнивали точности прогнозирования. Аналогичный

анализ проводили, для $m = 3$, и определялись поведение мер ошибок для различных мер расстояний. Полученные результаты не очень отличаются от полученного для $m=3$.

Несмотря на то, что нам необходимо более высокое значение m, исходя из $k<m$, анализ m показал, что увеличение m не улучшает точность прогнозирования. Принимая во внимание все эти факты, сравнивая эффективность k-алгоритма ближайшего соседа на основе расстояния Махаланобиса с другими вариантами расстояния, основные параметры m и k алгоритма k-NN, были обоснованы как m и k равное 3 и 20 соответственно.

ЛИТЕРАТУРА

1. Фернандо Фернандес-Родригес, С. Сосвилла-Риверо, Дж. Андрада-Феликс, Технический анализ на валютных рынках: линейные и нелинейные правила торговли, FEDEAInt. Экономика и финансы DEFI (2000), Рабочая бумага Нет. 00-02. М.
2. Касадгли, Нелинейное прогнозирование, Хаос и статистика, [Lastaccessed: 11-22-2013].

LITERATURE

1. Fernando Fernandez-Rodriguez, S. Sosville-Rivero, J. Andrada-Felix, Technical analysis in the foreign exchange markets: linear and non-linear rules of trade, FEDEA Int. Economics and Finance DEFI (2000), Working Paper No. 00-02. M.
2. Casadgli, Nonlinear Forecasting, Chaos and Statistics, [Lastaccessed: 11-22-2013].

УДК 372.74.265
ББК 18.707

ТАҶРИБАИ ОМӮЗИШИ МЕТОДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАРСҲОИ ХИМИЯ

Муротова Дилоромхон Абдугафуровна– *магистранти курси 1-уми ихтисоси химия, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, e-mail: murotova96d@mail.ru*
Ҷӯраева Рафоат Абдурозиқовна – *магистранти курси 1 -уми ихтисоси химия, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail:murotova96d@mail.ru*
Тиллобоев Ҳакимҷон Ибрагимович – *номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва амалии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд),e-mail: tilloboev-2006@mail.ru*

ОПЫТ ИЗУЧЕНИЯ ИННОВАТЦИОННОГО МЕТОДА НА УРОКАХ ХИМИИ

Муротова Дилоромхон Абдугафуровна – *магистрант 1-го курса по специальности «химия», Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Ғафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: murotova96d@mail.ru*
Джураева Рафоат Абдурозиковна – *магистрант 1-го курса по специальности «химия», Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Ғафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: murotova96d@mail.ru*
Тиллобоев Хакимджон Ибрагимович– *кандидат химических наук, доцент кафедры органической и прикладной химии, Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Ғафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: tilloboev-2006@mail.ru*

EXPERIENCE OF STUDYING INNOVATIVE METHOD IN CHEMISTRY LESSONS

Murotova Diloromkhon Abduuafurovna **-** *1st Year Graduate Student in Chemistry, Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: murotova96d@mail.ru*

Dzhuraeva Rafoat Abdurozikovna *- 1st Year Graduate Student in Chemistry, Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: murotova96d@mail.ru*
Tilloboev Khakimdzhon Ibragimovich *- Ph.D. in Chemistry, Associate Professor of the Department of Organic and Applied Chemistry, Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: tilloboev-2006@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *инноватсия, интерактив, дарс, омӯзиш, мактаб, тахтаи электронӣ*

Дар мақола диққати асосиро оиди хусусиятҳои методи интерактивӣ ва истифодабарии тахтаи электронӣ дар раванди дарс маълумот дода шудааст. Дар байни методҳои таълими пешкадам ҷои асосиро методи инноватсионии фаъоли таълим гирифта, он бештар маҳсулнок аст.

Ключевые слова: *инновация, интерактив, урок, обучение, школа, электронная доска*
Статья посвящена особенностям использования интерактивного метода и использование этого метода является наиболее перспективным. Интерактивный метод является наиболее эффективным, по сравнению с другими методами обучения.

Key words: *innovation, interactive, dars, omezish, maktab, ottomans electron*

This article is devoted to the features of using the interactive method and the use of this method is the most promising. Among them, trained methods, a special place is occupied by the interactive method and is the most effective.

Масъалаи беҳтар намудани сифати кадрҳо аз устодони ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров масъулияти баландро талаб менамояд. Солҳои охир дар бозори меҳнат аз тарафи кордиҳандагон оид ба тайёр кардани тахассусмандон талаботи мувофиқ ҷорӣ шуда истодааст. Аз хатмкунандагони мактабҳои олии дилхоҳ айни замон на танҳо дониши назариявӣ, қобилияти амалии ҳалли масъалаҳои касбӣ, балки истифодаи технологияи инноватсиониро низ талаб карда мешавад. Ҳатман базаи моддӣ - техникии зарурӣ, ба монанди технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиш дар мактабҳои олӣ ба роҳ монда шавад. Дар айни замон дар кафедраҳои химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б. Ғафуров тамоми синфхонаҳо ва кабинетҳои фаннӣ бо асбобу ашёҳои ҳозиразамон, аз ҷумла: компутер, проектор ва тахтаи электронӣ таъмин шудааст. Машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ ва лабораторӣ бояд бо истифода аз методҳои инноватсионӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш, малака ва маҳорати омӯзгорони оянда гузаронида мешаванд [1].

Имрӯз, ҳамагуна дигаргуниҳодар соҳаи маориф вобаста ба инноватсия дида мешавад. Ду навъи комилан гуногуни инноватсияро фарқ карда мешавад [2]:

1. Инноватсияҳои ҷаҳонӣ - ин ҳеҷ гоҳ, дар ҳеҷ ҷое вуҷуд надошт (на дар ягон фаъолияти муаллим, на дар мактаб, дар шаҳр ва дар дигар кишвар), аммо ҳоло чунин инноватсияҳо ба вуҷуд омада истодааст.

2. Инноватсияҳои маҳаллӣ - дар ҷои он маҳалле, ки бомуваффақият татбиқ шудааст ва самаранок истифода бурда мешавад. Инноватсияро ба намудҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

- Инноватсияиҳои зертобеъ: яъне инноватсияҳо дар доираи он фан бо назардошти хусусиятҳои таълими он амалӣ карда мешаванд. Масалан, гузариш ба маводи нави таълимӣ ва рушди технологияҳои махсуси методӣ мебошад.

- Инноватсияҳои умумии методӣ: ба инҳо амалияи педагогии технологияҳои ғайримуқаррарӣ, ки хусусиятҳои гуногун доранд, дохил мешаванд, зеро истифодаи онҳо дар ҳама соҳаҳои мавҷуда имконпазир аст. Масалан, таҳияи супоришҳои эҷодӣ барои донишҷӯён, фаъолияти лоиҳа ва ғайра.

- Инноватсияҳои маъмурӣ: ин қарорҳои роҳбарони сатҳҳои гуногун, ки дар ниҳоят ба фаъолияти муассири тамоми субъектҳои фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунанд.

- Инноватсияҳои идеологӣ: ин инноватсияҳо бо таҷдиди тафаккур, тамоюлоти замон ба вуҷуд омадаанд ва асоси тамоми навовариҳои дигар мебошанд, зеро бидуни огоҳӣ аз зарурат ва аҳамияти навсозиҳо амал менамояд.

Инноватсияро ҳеҷ гоҳ набояд аз рӯи миқёси татбиқи он баҳодиҳӣ намуд, зеро он чизе, ки дар як ҷой хуб амал мекунад, дар ҷойҳои дигар, дар шароити дигар тамоман кор намекунад. Мо ҳамеша бояд танҳо натиҷаҳои мушаххаси дар як ҷой ба даст овардашуда баҳо диҳем [2].

Технологияҳои инноватсионӣ набояд як тарафа бошанд ва танҳо рушди қобилияти ақлонии кӯдаконро инъикос намояд. Инноватсия дар соҳаи маориф бояд пеш аз ҳама раванди инкишофи эътимоди хонандагонро дар бар гирад. Зарур аст, ки авторитаризми таълимро дар тафаккури муаллимон тағйир диҳем, то онҳо тавонанд, ки кӯдак худро дар сатҳи баробар қарор диҳанд ва ба кӯдак имконият диҳад, ки худаш ва ҷаҳони атрофи худро ба таври дуруст дарк намояд [3].

Мо фикр мекунем, ки инноватсияҳо дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама бояд ба ташаккули шахсият равона карда шаванд, ки барои ба муваффақият соҳиб шудан дар ҳама самти истифодаи қобилияти худташаккул ёбанд.

Мактаби оянда мактабест, ки дорои маълумоти хуб, бо муаллимони хубе, ки омодаанд дар ҳардарстехнологияҳоикомпютериро истифода баранд. Ҳадафиҳарякомӯзгори замони муосир, ин баланд бардоштани сифати таълим тавассути ворид кардани технологияи инноватсионӣбаравандитаълиммебошад.

Барои татбиқи ин вазифа, бояд ҷузъҳои компутериро ба системаи таълими химия ворид намудан зарур аст, зеро ҳангоми таълими химия, дар асоси хусусиятҳои илмӣ, истифодаи компютер ва проекторҳои мултимедиявӣ бисёр манфиатовар ва самаранок мебошад.



Расми 1. Имкониятҳои истифодабарии лабораторияи вертуали (рақамӣ) дар раванди дарси химия

Натиҷаи ниҳоии ҷорӣ намудани технологияи компютерӣ дар раванди таълими химия маҳорати хонандагон вобаста аз ҷониби компютер ҳамчун воситаи фаҳмиши равандҳо ва зуҳуроти табиат ба амал омада, дар фаъолияти амалии хонандагон истифода бурда мешавад.Истифодаи методи инноватсионӣ дар дарсҳои химия ва биология дар раванди таълим самараи зиёд медиҳад. Масалан, дар дарси химия шакли лексионӣ ва амалӣ барои донишандӯзии донишҷӯён ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои донишҷӯ бисёр қулай ва дастрас аст.



Дар дарсҳои лексионӣ ва амалӣ омӯзгор одатан дар тахтаи синф, бӯр ва латтаро васеъ истифода мебарад. Истифодаи доскаи электронӣ навиштан бо бӯр дар тахтаи ҷубинро истисно менамояд, чунки ба ҷои бӯр ва латтаро қалами махсуси пластикӣ иваз менамояд. Омӯзгор тугмачаҳои махсуси идоракунандаро пахш намуда, дар як вақт метавонад қаламро ҳам аз ҷиҳати ранг, ғафсӣ ва намуди хат интихоб намояд. Дар навбати худ, барнома имконият медиҳад, ки қисми чап ё рости реаксияҳои химиявиро навишта, маҳсули реаксия ва моддаҳои таъсиркунандаро ба таври автоматӣ мебарорад. Намоиш додани таҷрибахои химияви бо роҳи вертуалӣ имконият фароҳам меорад. Ҳар як амали иҷрошуда дар доскаи электронӣ сабт шуда, дар ҳолати зарурияти имконияти такроран дидан муҳаё мегардад. Сохтани график ва диаграммаҳои гуногун низ дар барномаи мазкур пешбинӣ шудааст. Барои ин нишондоди хати абсис ва ординатаро дохил намуда, нишондод ё ҳиссаи тақсимшударо бе душворӣ таҳлил намуда, дар диаграмма ҷойгир намудан имконият медиҳад.

Аввалан, ба муаллими химия тавсия дода мешавад, ки ҳангоми омӯзиши маводи нав муаррифиҳоро истифода барад, ки он ҳатман таҷрибаи намоиширо дар бар гирад, зеро ба таври

аёнӣ гузаронидани дарс хонандагонро дар синф фаъол мекунад ва дарки маводи таълимии хонандагонро назорат мекунад.

Дуюм, беҳтар намудани сифати таълим дар дарси химия аз назорати муназзами дониши хонандагон дар ҳар дарс вобаста аст, аз ин рӯ тавсия дода мешавад, ки дар оғози дарс назорати тестии донишҳо гузаронида шавад.

Сеюм, истифодаи технологияи компютерӣ ҳангоми корҳои лабораторӣ ва амалӣ, яъне коркарди маълумотҳои таҷрибаи химиявӣ бо истифода аз тахтаи электронӣ имконпазир аст. Чунин истифодаи тахтаи электронӣ муфид аст, зеро он ба донишҷӯён маҳорати фаъолияти тадқиқотиро бедор мекунад, шавқи идрокиро ба вуҷуд меорад, ҳавасмандиро афзун мекунад ва тафаккури илмиро ташаккул медиҳад.



Расми 2. Давраҳои дарси химия истифода бурдани технологияи инноватсионӣ

Чорум, дар дарсҳои химия мо метавонем барномаҳои таълимиро истифода барем. Мундариҷаи таъминоти барномавӣ ва таълимие, ки дар фанни химия истифода мешаванд, бо мақсадҳои дарс, мундариҷа ва пайдарҳамии таъминоти маводи таълимӣ муайян карда мешаванд. Дар робита ба ин, тамоми воситаҳои таъминоти барномавии барои дастгирии компутерии ҷараёни омӯзиши химия ба барномаҳо метавонтақсим кард:

- маълумотномаҳои методӣ оид бамавзӯҳои мушаххас;
- ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ;
- супоришҳои таҷрибавӣ;
- ташкил ва гузаронидани корҳои лабораторӣ ва амалӣ;
- назорат ва баҳодиҳӣ ба дониш.

Барномаҳои таълимӣ барои истифода дар ҷараёни таълим бояд ба курси химияи мавзӯи мувофиқат дошта, сатҳи баланди фаҳмиш ва истифодаи он осон дошта, ба ташаккули малакаҳои махсуси фаннӣ, ҷамъбаст ва амиқии дониш саҳм дошта бошанд.

Истифодаи технологияи компютерӣ дар ҳар як дарси химия шавқро ба ин мавзӯъ афзоиш медиҳад ва ба интихоби касби ояндаи насли наврас таъсир мерасонад. Муаллим бояд тавсияҳои худро давра ба давра таҳия намояд, зеро онҳо ба барномаи интихоб кардаи муаллим, мавзӯъ ва мундариҷаи дарс бештар мувофиқат менамояд.

Ҳангоми таълими химия, табиист, ки истифодаи технологияи инноватсионӣ аз рӯи хусусиятҳои таҷрибавии химия ҳамчун илми таҷрибавӣ мавқеи махсусро дорад. Масалан, барои моделсозии равандҳои химиявӣ, истифодаи лабораторияи вертуалӣ барои пешниҳоди маводи таълимӣ ва назорати аз худкунии он зарур аст. Моделсозии зуҳуроти ҳимиявӣ ва равандҳои он, пеш аз ҳама, омӯзиши қоидаву қонуниятҳо ва таҷрибаҳоро талаб мекунад, ки дар лабораторияи мактабӣ намоиш додан қариб ғайри имкон аст, вале онҳоро тавассути технологияи инноватсионӣ намоиш додан мумкин аст.

Дар бораи таҷрибаи мушаххаси татбиқи инноватсияҳо дар химия, пеш аз ҳама қайд кардан зарур аст. Ман дар мавзӯи методологӣ кор мекунам. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълими химия. Фаъолият оид ба татбиқи мавзӯи методологӣ, ин мусоидат менамояд:

1.Таҷҳизонидани кабинети химия бо тахтаи электронӣ: 8 компутер бо дастрасӣ ба интернет, проектор;

2. Истифодаи дастурҳои электронӣ;

3. Гузаронидани дарсҳо бо истифодаи технологияи инноватсионӣ (Тест дар компутер. Дарсҳо дар асоси муаррифӣ кори вертуалӣ дар шакли лексияҳо, семинарҳо, корҳои лабораторӣ, ҳисобот ва ғайра);

4. Истифодаи захираҳои таълимии интернет дар таълими химия.

Амалияи истифодаи технологияи инноватсионӣ ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулоса барорем.Дарсҳои инноватсионӣ нисбат ба таълими анъанавӣ бартариҳои зерин дорад:

- Муосирӣ ва аҳамияти маводи таълимӣ.
- Мавҷудияти маводи иловагӣ ва алоқаманд.
- Эстетика ва намуди зоҳирӣ.
- Қобилияти чоп кардани мавод барои корҳои минбаъдаи инфиродӣ.
- Имконияти баррасии блокии мавзӯъ, пешрафти дониш.
- Омӯзиш тавассути бозӣ ё амал.

7. Афзоиши ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш.

8. Ташкили дақиқтари фаъолияти омӯзгор, осонсозии кори ӯ.

Умуман, истифодаи технологияи инноватсонӣ сифати дониш ва малакаҳои хонандагонро баланд мебардорад.

АДАБИЁТ

1. Зубайдов У.З. Равияҳо дар таълим – талаботи замон. -Душанбе: “Рио-статус” 2017. - 54 с.
2. Осин А.В. Электронные образовательные ресурсы нового поколения в вопросах и ответах. - М.: Агентство "Социальный проект", 2007. - 32 с.
3. Грабецкий А.А. и др. Использование средств обучения на уроках химии. – М.: Просвещение, 1988. – 144 с

REFERENCES

1. Zubaidov U.Z. Raviyaҳo gift talim - Talaboti zamon. -Dushanbe: “Rio Status” 2017. - 54 p.
2. Osin A.V. A new generation of electronic educational resources in questions and answers. - M .: Agency "Social Project", 2007. - 32 p.
3. Grabetskiy A.A. et al. Use of teaching aids in chemistry lessons. - M.: Education, 1988.-144p

25.00.00 ИЛМ ДАР БОРАИ ЗАМИН
25.00.00 НАУКИ О ЗЕМЛЕ
25.00.00 SCIENCES ABOUT EARTH

25.00.24 Ҷуғрофияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионнӣ
25.00.24 Экономическая, социальная, политическая и рекреационная география
25.00.24 The economic, social, politic and recreation geography

ББК65
УДК 33

РАВАНДИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ОН

Олимов Абдураҳмон Олимбойевич-
докторанти (Phd) курси сеюми кафедраи методики таълими геоэкология факултети геоэкологияи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. e-mail:Olimiahgu@gmail.com

ПРОЦЕСС МИГРАЦИИ НАСЕЛЕНИЯ И ЕГО СОЦИАЛЬНО ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

ОлимовАбдурахмон Олимбойевич-
докторант (Phd) третьего курса кафедры методики обучения географии ХГУ им. академика Б. Гафурова. e-mail:Olimiahgu@gmail.com

PROCESS OF LABOR MIGRATION AND ITS ECONOMIC AND SOCIAL CHARACTERISTICS

Olimov Abdurahmon Olimboevich-
Third year Phd of the Faculty of Geoecologya, e-mail:Olimiahgu@gmail.com

Вожаҳои калидӣ: *муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати маҷбурӣ, муҳоҷирати ғайри қонунӣ, хусусиятҳои иқтисодӣ, убури марз, муҳоҷирати бебозгашт, зиёдшавии сафи муҳоҷирон*

Дар мақолаи мазкур муаммоҳои зиёдшавии муҳоҷирати меҳнатӣ ва хусусиятҳои иқтисодву иҷтимоӣ ва зиёдшавии сафи муҳоҷирони меҳнатӣ ба давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон - давлатҳои тариққикардава хусусиятҳои мусбию манфии муҳоҷирати меҳнатӣ баррасӣ шудааст. Яке аз бахшҳои фанни географияи иқтисодӣ ин омӯзиши рафти муҳоҷирон мебошад. Муҳоҷирати аҳолӣ аз муҳимтарин мавзӯъҳои таҳқиқӣ буда, омӯзиш ва муайян намудани марҳилаи таърихӣ, моҳият, зарурияти таърихӣ, омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, хусусиятҳо ва натиҷаҳои он аз муҳимтарин ҳадафҳои олимон маҳсуб меёбад, ки дар шинохти муҳимтарин масъалаҳои ҷомеашиносӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ дар тағйири хусусиятҳои демографӣ, афзоиши аҳолӣ, равандҳои маърифатӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, сохтори ҷинсӣ ва синну солӣ кишварҳои муҳоҷирдошта хело назаррас аст, ки дар мақола мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ключевые слова: *миграция населения, принудительная миграция, нелегальная миграция, экономические особенности, пересекание границы, безвозвратноя миграция, увеличение доли мигрантов*

В статье приводятся проблемы роста трудовой миграции и её социально–экономические особенности, а также положительное и отрицательное влияние роста трудовых мигрантов на принимаюших мигрантов ,,развитых стран". Также рассмотрено влияние трудовой миграции в изменении демографических процессов прироста населения, культурно-просветительных и социальных групп, половой и возрастной структуры стран, имеющих мигрантов.

Key words: *labor migration, forced migration, illegal migration, economic features, border crossings, permanent migration, increase of the number of migrants*

This article considers the problems of increasing labor migration and social and economic characteristics and increasing number of labor migrants in the host countries - developed countries and the positive and negative characteristics of labor migration. One of the components of economic geography is the study of the migration process.Immigration is one of the most important research topics, and the study and definition of the

historical stage, the essence, the historical necessity, the political and social, cultural, economic factors, characters and its results is one of the most important goals of scientists, which provides a favorable conditions for the recognition of the most important issues of sociology. The impact of labor migration on changing demographic characteristics, population growth, educational process, social groups, gender and age groups, countries which have migrants is very significant, that is discussed in the article.

Муҳоҷирати аҳолӣ аз даврањои қадимтарин оғоз ёфта, дар таърихи башарият ҳамчун яке аз омилҳои асосии маскуншавии кураи Замин ва ташаккули бисёр халқҳо роли муҳим бозида, хусусиятҳои зиёди этникӣ ва иқтисодии ҷаҳони муосирро қаблан муайян кардааст. Раванди сукунати одамон, истифодаи сарватҳои табиӣ, рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, ташаккул ёфтан ва ба ҳам омехта шудани нажодҳо, этносҳо ва забонҳо бо муҳоҷирати аҳолӣ алоқаманд мебошанд. Вале муҳоҷирати аҳолӣ баъзан авҷ мегирифту баъзан паст мегардид. Дар гузашта ҳамчунин самти муҳоҷират, сабабҳо ва шиддатнокии он тағйир меёфтанд. Сабаби асосии ин тағйирот иваз шудани шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бахусус ноҳияҳои муҳоҷирдиҳанда мебошад.[1]

Таърихи аҳолӣ ин таърихи муҳоҷират аст. Одамон барои дарёфти ризқу рӯзӣ ва ё аз рӯи ноилоҷӣ муҳоҷират мекарданд, то шароити беҳтари ҳаёт ва ё кори мувофиқе ба даст оранд. Дар тӯли таърихи тамаддуни ҳазорсолаи инсоният муҳоҷират қисми ҷудношавандаи ҳаёти халқҳо, роҳи мутобиқшавии одамон ба шароитҳои нави иҷтимоӣ ва ё табиӣ буд. Дар даврањои аввалини инкишофи инсоният дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ, одамон дар натиҷаи интенсивӣ истифода бурдани табиат, кам мондани флора ва фаунаи муҳити атроф ва ё дар натиҷаи зиёд шудани шумораи аҳолӣ аз як ҷой ба ҷои дигар мекӯчиданд. Дар давоми таърихи тӯлонӣ қитъаҳои замин байни қабилаҳо ва давлатҳо тақсим шуданд ва минбаъд барои ишғол кардани территорияҳои нав ҷангҳои байниқабилавӣ ва байнидавлатӣ ба вуҷуд меомаданд. Агар гӯем, ки муҳоҷират худи инсониятро ба вуҷуд овардааст, муболиға намешавад. Чунки инсон дар як ва ё якчанд минтақаҳо ба вуҷуд омада, дар натиҷаи муҳоҷират ҳамаи ойкумени муосирро маскун кард. Маҳз муҳоҷират ба гуногунии аҳолии рӯи замин боис шуда, ба ҷойгиршавии аҳолӣ дар миқёси глобалӣ, регионалӣ мусоидат кард. Ба ғайр аз ин муҳоҷирати муттасили аҳолӣ аломати вайроншавӣ ва барқароршавии алоқаи иҷтимоӣ буда, омили асосии худтанзимкунандаи системаи иҷтимоӣ мебошад.[2.]

Чи дар муҳоҷирати дохилӣ ва чи дар муҳоҷирати беруна чунин намудҳои муҳоҷират хос аст:

1) муҳоҷирати бебозгашт (маскуншавӣ);
2) муҳоҷирати мавсимӣ;
3) муҳоҷирати маятникшакл;
4) муҳоҷирати номунтазам (эпизодӣ);
5) муҳоҷирати иҷборӣ;
6) муҳоҷирати ғайрилегалӣ ва легалӣ.

